# НАШРИЯИ
# СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ
# ТОҶИКИСТОН

**№ 3, июл – сентябр 2023**

Душанбе-2023

Исполнитель:

Нашрияи мазкур бо дастгирии Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) нашр шудааст.

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) барномаи мазкурро бо супориши Вазорати федералии ҳамкорӣ ва рушди Олмон (BMZ) иҷро менамояд.

Хулосаҳо, ақидаҳо ва шарҳу тафсирҳо дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, бе ягон шарт мавқеи GIZ ё BMZ-ро инъикос наменамоянд.

Барои ройгон (бепул) паҳн намудан пешбинӣ шудааст.

* * *

Данное издание было опубликовано при поддержки Программы GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit(GIZ) GmbH (Германское общество по международному сотрудничеству) осуществляет эту программу по заказу Федерального министерства экономического сотрудничества и развития Германии (BMZ).

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ или BMZ.

Предназначено для бесплатного распространения.

| | |
|---|---|
| **Сармуҳаррир –** | Шермуҳаммад Шоҳиён – Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Ҳайати таҳририя:** | |
| **Лутфуллозода Ш.–** | муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Исҳоқӣ А.Н. –** | муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Раҳмонзода С.С. –** | муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – раиси коллегияи ҳарбӣ |
| **Ализода Ш.Ш. –** | раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Ҳаким Р.А. –** | раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Азиззода З.Н. –** | раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Тағозода А.С. –** | раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Ҳакимзода С.А. –** | котиби Пленум, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Пӯлодӣ М.К. –** | судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

# МУНДАРИҶА

**Ҷамъбасти**
сабабҳои бекоршавӣ ва тағйирёбии
санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои
ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ..............................................5

**Ҷамъбасти**
амалияи судӣ оид ба парвандаҳои
ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста
ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар
соҳаи қонунгузории гумрук..............................................11

**Ҷамъбасти**
сабабҳои тағйирёбӣ ва
бекоршавии санадҳои судӣ
оид ба парвандаҳои гражданӣ.............................................28

**Ҷамъбасти**
таҷрибаи судӣ оид ба таъмини ҳифзи
ҳуқуқҳои кӯдакон зимни баррасии
парвандаҳои оилавӣ вобаста ба
баҳсҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ............................42

**Абдуллозода Ҷ.А.**
Маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон-
калиди муваффақиятҳо дар
пешрафти ҷомеа...................................................................57

# Ҷ А М Ъ Б А С Т И
## сабабҳои бекоршавӣ ва тағйирёбии санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар нимсолаи якуми соли 2023

Тибқи нақшаи кории Суди Олӣ дар нимсолаи дуюми соли 2023 аз ҷониби коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва раёсати омор ва ҷамъбасти амалияи судии Суди Олӣ омӯзиши сабабҳои бекоршавӣ ва тағйирёбии санадҳои судии судҳои ҷумҳурӣ вобаста ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар нимсолаи якуми соли 2023 гузаронида шуд.

Муайян карда шуд, ки дар нимсолаи якуми соли 2023 ба марҳилаи кассатсионии судҳои ҷумҳурӣ 65 парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, аз ҷумла дар асоси эътирозҳои кассатсионӣ 9 адад, шикоятҳои кассатсионӣ ва хусусӣ 56 адад, ворид гардидаанд. Аз ин шумора 3 адад барои барсмиятдарорӣ баргардонида шуда, 62 парванда баррасӣ карда шудаанд.

Аз шумораи умумии парвандаҳои баррасигардида ба тариқи кассатсионӣ 1 санади судӣ бекор, 25 санади судӣ тағйир ва 36 санади судӣ бетағйир мононда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ ба марҳилаи назоратии судҳои ҷумҳурӣ бошад 75 адад эътироз ва шикоятҳои назоратӣ ворид гардида, 7 адади он бебаррасӣ баргардонида шуда, 54 адад бо талаб кардани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, 16 адади дигар ба давраи ҳисоботии нав боқӣ мондааст. Дар натиҷаи омӯзиши 54 адад эътироз ва шикоятҳои назоратӣ, ки бо талаб кардани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, аз рӯи 23 адад эътирози назоратӣ ва 2 адад шикояти назоратӣ, ҷамъ 25 пешбурди назоратӣ оғоз карда шуда, эътироз ва

шикоятҳои назоратии зикргардида ба баррасии марҳилаи назоратии судӣ дода шуданд. Дар натиҷа, аз шумораи умумии парвандаҳои баррасигардида дар сатҳи ҷумҳурӣ 3 санади судӣ ба тариқи назоратӣ бекор ва 22 адад қарорҳои судҳои марҳилаи якум тағйир дода шуданд.

Дар маҷмӯъ дар нимсолаи якуми соли 2023 дар судҳои ҷумҳурӣ вобаста ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратии судӣ 4 санади судӣ бекор ва 47 санади судӣ тағйир дода шудааст.

Таҳлили шумораи бекоршавии санадҳои судӣ нишон дод, ки назар ба ҳамин давраи соли 2022 (3 адад) дар нимсолаи якуми соли 2023 (4 адад) бекоршавии санадҳои судӣ ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ 1 адад зиёд шудааст.

Омӯзиш нишон дод, ки сабабҳои бекоршавӣ ва тағйир додани санадҳои судии судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ асосан риоя накардани талаботи қонунгузории мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, яъне ҳамаҷониба, пурра ва холисона набурдани тафтиши судӣ, нодуруст татбиқ карда шудани қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва мувофиқат накардани хулосаи суд ба ҳолатҳои воқеии парванда мебошанд.

Масалан, бо қарори судяи суди шаҳри Ҳ. аз 7 декабри соли 2022 Қ.Д.А. бо моддаи 460 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ҷазои ҷарима ба андозаи ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 448 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Бо таъиноти коллегияи судӣ оид бо парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олӣ аз 31 январи соли 2023 қарори зикргардида бекор карда шуда, парванда барои баррасии нави судӣ ба ҳамон суд дар ҳайати дигар фиристонида шудааст.

Қ.Д.А. барои он ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида

шудааст, ки дар асоси якдигарнофаҳмии оилавӣ (мунокиша ва ҷангу ҷанҷол) тариқи шабакаи иҷтимоии «Вотсап» нисбати шаҳрванд Қ.Ф. дашномҳои қабеҳи ғайриинсонӣ навишта, онро тариқи паёмак равон карда, шаъну шарафи охиринро паст задааст.

Мувофиқи талаботи моддаи 23 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҷавобгарии маъмурӣ аз ҷониби шахси воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқӣ содир шудани кирдорест, ки тамоми аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунии маъмурии пешбиникардаи Кодекси мазкурро дар бар гирад.

Тавре аз маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бармеояд, Қ.Д.А. нисбат ба Қ.Ф. таввассути барномаи интернетии «Вотсап» дашномҳои қабеқ нависонида, оиди ин ҳолат касе огоҳ нашудааст ва тартиботи ҷамъиятӣ низ вайрон нагардидааст.

Суди марҳилаи якум бошад, ҳолатҳои зикргардидаро мадди назар намуда, онро дар муқоиса бо диспозитсияи моддаи 460 ва талаботи моддаи 23 Кодекси хуқуқвйронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои дурусти ҳуқуқӣ надода, бармаҳал қарори зикргардидаро қабул намудааст.

Ҳолатҳои зикргардида аз мувофиқат накардани хулосаи суд, ки дар қарор баён шудааст, ба ҳолатҳои воқеии парванда ва нодуруст татбиқ карда шудани қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳодат медиҳанд ва мутобиқи талаботи сархатҳои дуюм, чоруми моддаи 169 Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои бекор кардани қарори судӣ мегарданд.

Мисоли дигар, бо қарори суди шаҳри В. аз 14 декабри соли 2021 Ю.М.С. бо қисми 1 моддаи 481 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ҷазо дар

намуди ҷарима ба андозаи 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 6000 (шаш) ҳазор сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Бо таъиноти коллегияи судӣ оид бо парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олӣ аз 28 феврали соли 2023 қарори мазкур тағйир дода шуда, нисбати охирин бо дастрасии моддаи 48 қисми 5 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои ҷарима ба андозаи 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 6000 (шаш) ҳазор сомонӣ ба фоидаи давлат муқаррар карда шудааст.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2021, таҳти №1785 ба санксияи қисми 1 моддаи 481 Кодекси ҳуқувайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, андозаи ҷазо ба шахсони воқеӣ 110 (яксаду даҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян карда шудааст.

Тавре аз маводи парванда бармеояд, дар рӯзи содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби Ю.М.С. мувофиқи қонуни ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ андозаи ҷарима 110 (яксаду даҳ) нишондиҳанда барон ҳисобҳо пешбинӣ шудааст, аммо судя дар вақти таъин намудани ҷазо ин ҳолатро madди назар карда, ба ҳуқуқвайронкунанда ҷазои маъмурӣ дар намуди ҷарима ба анозаи 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо таъин намудааст.

Тибқи талаботи қисми 5 моддаи 48 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои истисно, ки ба мақсад ва сабабҳои кирдор вобастаанд, бо назардошти маълумотҳо дар бораи шахси гунаҳгор, инчунин вазъи молу мулкӣ ва молиявии ӯ оид ба парвандаҳо дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар суд мавриди баррасӣ

қарор мегиранд, судя метавонад ҷазои маъмурии аз ҳадди аққали пешбининамудаи моддаҳои дахлдори қисми махсуси Кодекси мазкур пасттар таъин намояд.

Суди марҳилаи якум гарчанде ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазоро ҳангоми таъини намуд ва андозаи ҷазо нисбати ҳуқуқвайронкунанда ба назар гирифта бошад ҳам, аммо талаботи қисми 5 моддаи 48 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ мавриди муҳокима ва баҳодиҳии ҳуқуқӣ қарор надодааст.

Аз ин лиҳоз, коллегияи судӣ ба хулоса омадааст, ки ҳолатҳои дар боло нишондодаи сабуккунандаи ҷазои Ю.М.-ро ҳамчун ҳолатҳои истисно эътироф намуда, бо дастрасии моддаи 48 қисми 5 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоро муқаррар намояд.

Ҳолатҳои зикргардида аз нодуруст татбиқ карда шудани қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳодат дода, мутобиқи талаботи сархати чоруми моддаи 169 ва моддаи 192 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои тағйир додани қарори судӣ мегарданд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи омӯзиши сабабҳои бекоршавӣ ва тағйирёбии санадҳои судӣ муайян карда шуд, ки аз тарафи судяҳои судҳои ҷумҳурӣ зимни баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳамаи ҳолатҳои кор вобаста ба парванда ба пуррагӣ санҷида ва баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода намешаванд, ки дар натиҷа яктарафа ва ё нопурра будани тафтишоти судӣ, мувофиқат накардани хулосаи суд ба ҳолатҳои воқеии парванда, ба таври ҷиддӣ вайрон карда шудани қонунгузории мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, нодуруст татбиқ карда шудани қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ сабабҳои бекоршавии қарорҳои судӣ гардидаанд.

Ҷамъбасти сабабҳои бекоршавии санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар

нисмолаи аввали соли 2023 ба анҷом расонида, пешниҳод менамоем, ки сабабҳои бекоршавии санадҳои судӣ ва натиҷаи он дар машғулиятҳои семинарии судяҳои ҷумҳурӣ мавриди муҳокима қарор дода шавад.

**Коллегияи судӣ оид ба**
**парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии**
**маъмурии Суди Олӣ**

# ҶАМЪБАСТИ
## амалияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкнии маъмурӣ вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи қонунгузории гумрук

Дар асоси нақшаи кории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нисолаи дуюми соли 2023 аз ҷониби коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олӣ ҷамъбастии таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи қонунгузории гумрук, ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар соли 2022 баррасӣ гардидаанд, гузаронида шуд.

Бояд қайд кард, ки саривақт, ҳаматарафа, пурра ва холисона муайян кардани ҳолатҳои кор доир ба ҳар як парванда, ҳаллу фасли он мутобиқи қонунгузорӣ, таъмини иҷрои қарори қабулшуда, инчунин муқаррар намудани сабабу омил ва ҳолатҳое, ки ба содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мусоидат менамоянд, пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, дар рӯҳияи риояи қонунҳо тарбия намудани шаҳрвандон ва таҳкими қонуният аз муҳимтарин вазифаҳои пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шумор меравад.

Пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, шахсони мансабдор ва баррасии онҳо аз ҷониби судяҳо, ки ваколати баррасии чунин парвандаҳоро доранд, тибқи талаботи Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҲМ) сурат мегирад.

Мувофиқи қисми 1 моддаи 93 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқвайронкунии маъмурии зерин дар соҳаи қонунгузории гумрук, ки дар боби 32 Кодекси

ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҲМ) пешбинӣ гардидаанд, тобеияти судӣ дошта, аз ҷониби судяҳо баррасӣ карда мешаванд:

–моддаи 577 КҲМ (интиқоли ғайриқонунии мол ё воситаи нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

–моддаи 578 қисмҳои 1, 2 ва 4 КҲМ (пешниҳод накардани эъломия (декларатсия) ё нодуруст пешниҳод кардани эъломияи мол ва ё воситаи нақлиёт);

–моддаи 579 КҲМ (интиқоли мол ё воситаи нақлиёт бидуни риояи кардани тадбирҳо доир ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҳдудиятҳо);

–моддаи 585 қисми 1 КҲМ (барои бе иҷозати мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон додан, гум кардан ё ба маҳалли муайяннамудаи мақомоти зикршуда нарасонидани мол ва ё воситаи нақлиёте, ки таҳти назорати гумрукӣ қарор дорад);

–моддаи 592 КҲМ (наандешидани чораҳо ҷиҳати барасмиятдарории гумрукӣ ё содироти мол ва ё воситаҳои нақлиёти таҳти нигоҳдории муваққатӣ қарордошта);

–моддаи 593 қисми 1 КҲМ (иҷро накардани талаботи низоми гумрукии содирот);

–моддаи 594 қисми 1 КҲМ (барои берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон набаровардани мол ё воситаи нақлиёти қаблан воридшуда);

–моддаи 595 қисми 1 КҲМ (амалиёти ғайриқонунӣ бо мол ё воситаи нақлиёти таҳти низоми муайяни гумрукӣ қарордошта);

–моддаи 596 КҲМ (риоя накардани тартиби истифода ё ихтиёрдории мол ё воситаи нақлиёти шартан иҷозатдодашуда);

–моддаи 597 КҲМ (харидани мол ё воситаи нақлиёте, ки ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни риоя кардани қоидаҳои гумрукӣ ворид карда шудаанд);

–моддаи 598(1) КҲМ (рӯйпӯш кардан, кам ё зиёд нишон додани маблағи пардохтҳои гумрукӣ ва ё дигар пардохтҳо).

Аз омӯзиши парвандаҳои маъмурӣ муайян карда шуд, ки судяҳои судҳои ҷумҳурӣ дар вақти баррасии ин категорияи парвандаҳо асосан меъёрҳои моддӣ ва мурофиавии КҲМ, КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавзеҳоти қарори Пленуми Суди Олӣ аз 18 ноябри соли 2013, №10 «Оид ба тартиби баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби судҳои марҳилаи якум»-ро дуруст татбиқ мекунанд. Дар баробари ин муайян гардид, ки дар баъзе ҳолатҳо судяҳо ҳангоми баррасӣ ва шахсони мансабдори ваколатдор бошад, ҳангоми барасмиятдарории ин гуна парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба як қатор камбудиҳои мурофиавӣ роҳ додаанд.

Аз ҷумла, парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи қонунгузории гумрук, ки баррасии онҳо таҳти тобеъияти судӣ қарор доранд, тибқи талаботи қонуни мурофиавӣ аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурор оғоз ва барасмият даровarда мешаванд.

Тавре омӯзиш нишон дод, шахсони мансабдори ваколатдор зимни барасмиятдарории парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии зикргардида ба камбудиҳои мурофиавӣ роҳ додаанд.

Тибқи талаботи моддаи 79 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ сана ва маҳалли тартиб додани он, вазифа, насаб, ном ва номи падари шахсе, ки протоколро тартиб додааст, маълумот дар бораи шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

содир кардааст, маҳал, вақти содиршавӣ, ҳодиса ва моҳияти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, моддаи КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгариро барои ин ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ менамояд, насаб, ном ва номи падар, суроғаи шоҳидон ва ҷабрдидаҳо (агар бошанд), баёноти шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, хоҳиши онҳо дар бораи иштироки ҳимоятгар ё бе иштироки ӯ (оид ба парвандаҳое, ки иштироки ҳимоятгар дар онҳо ҳатмӣ нест) ва дигар маълумоти барои ҳалли парванда зарур сабт карда мешаванд.

Ҳангоми тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, инчунин ба ҳимоятгар ва дигар иштирокчиёни баррасии парванда ҳуқуқу уҳдадориҳои тибқи Кодекси мазкур пешбинигардида фаҳмонида шуда, он дар протокол сабт карда мешавад.

Ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, бояд имконияти шиносшавӣ бо протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва маводи ба он замимагардида дода шавад. Шахсони зикргардида ҳуқуқ доранд бо иштироки ҳимоятгар баёнот дода, доир ба мазмуни протокол мулоҳизаҳои худро изҳор намоянд, ки онҳо ба протокол замима карда мешаванд.

Ба протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахси мансабдор, ки онро тартиб додааст, инчунин шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, ҳимоятгар, шоҳидон ва ҷабрдидаҳо (агар бошанд)

имзо мегузоранд. Агар чунин шахсон аз имзо кардани протокол саркашӣ намоянд, доир ба ин ҳолат дар протокол аз ҷониби шахси мансабдор, ки протоколро барои шиносшавӣ пешниҳод намудааст, сабти дахлдор ворид карда мешавад.

Ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, инчунин ба ҷабрдида тибқи дастхат нусхаи протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ супорида мешавад.

Ҳангоми гузаронидани ҷамъбасткунӣ ва омӯзиши парвандаҳои категорияи мазкур муайян гардид, ки талаботи меъёри дар боло зикргардидаи қонун зимни тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон на дар ҳам вақт риоя карда мешавад.

Масъалан, аз маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати О.И.И. бо моддаи 597 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби суди шаҳри И. баррасӣ шудааст, бармеояд, ки нозири калони гурӯҳи МЗҲГ-и гумруки И. ҳангоми тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ талаботи меъёри мурофиавии зикргардидаро ба пуррагӣ риоя накарда, дар протокол ном ва номи падари шахсе, ки протоколро тартиб додааст, хоҳиши ҳуқуқвайронкунанда дар бораи иштироки ҳимоятгар ё бе иштироки ӯ (оид ба парвандаҳое, ки иштироки ҳимоятгар дар онҳо ҳатмӣ нест) нишон дода нашуда, оид ба гирифтани баёнот ва шинос шудани ҳуқуқвайронкунанда бо протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар он ишора карда нашудааст. Инчунин, дар протоколи насаб, ном ва номи падар, суроғаи шоҳид нишон дода нашуда, мутаносибан имзои шоҳид дар протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гирифта нашудааст. Ҳол он

ки, тавре аз маводи парванда бармеояд, ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иборат аз 490 кг тамокуи хушки омехта аз воситаи нақлёти шаҳрванд С.В.С. дарёфт гардида, дар асоси нишондоди охирин нисбати О.И.И. протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Чунин ҳолат дар парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати А.Н., ки аз ҷониби нозири калони гурӯҳи МЗҲГ-и гумруки И., нисбати Д.М.М., ки аз ҷониби нозири калони гурӯҳи МЗҲГ-и гумруки И. барасмият даровaрда шудаанд, ҷой доранд.

Мувофиқи талаботи моддаи 82 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарор ё таъинот дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вақт ва маҳалли қабул кардани қарор ё таъинот, вазифа, насаб, ном ва номи падари шахси қарор ё таъинотро тартибдода, асос барои оғози парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, маълумоте, ки аз мавҷуд будани ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гувоҳӣ медиҳад, моддаи КҲМ, ки ҷавобгариро барои ин ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ менамояд, нишон дода мешаванд. Ҳангоми қабули қарор ё таъинот дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо қарор ё таъинот қабул карда шудааст, инчунин ба дигар иштирокчиёни мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо, ки тибқи Кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд, фаҳмонида, дар ин бора дар қарор ё таъинот сабт карда мешавад.

Нусхаи қарор ё таъинот дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо қарор ё таъинот қабул карда шудааст, инчунин ба ҷабрдида дар давоми як шабонарӯз бо гирифтани забонхат супорида

ё фиристода мешавад.

Тавре аз омӯзиши парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии категоряи мазкур бармеояд, ин талаботи меъёри мурофиавӣ зимни оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар баъзе мавридҳо аз ҷониби шахсони мансабдори ваколатдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар карда шуда, дар қарор оид ба таъмини иҷрои талаботи зикргардидаи қонун ишора карда намешавад.

Масъалан, бо қарори судяи суди шаҳри И. аз 18 январи соли 2022 Б.Х.М. бо моддаи 577 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ҷазои ҷарима ба андозаи нисфи арзиши моле, ки ашёи ҳуқуққвайронкунии маъмурӣ мебошад, баробар ба 4000 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Аз маводи парванда бармеояд, ки қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати охирин бо моддаи 577 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби прокурори шаҳри И. санаи 27 декабри соли 2021 қабул карда шуда, дар он иҷрои талоботи меъёри дар боло зикршуда таъмин карда нашудааст. Аз ҷумла, ҳангоми қабули қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҳуқуқвайронкунанда Б.Х.М. ҳуқуқу ухдадориҳои мурофиавиаш фаҳмонида нашуда, дар ин хусус дар қарор сабт карда нашудааст. Инчунин, нусхаи қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шахси зикргардида дар давоми як шабонарӯз бо гирифтани забонхат супорида ё фиристода нашудааст.

Суди марҳилаи якум бошад камбудиҳои зикргардидаро, ки боиси вайрон гардидани ҳуқуқҳои мурофиавии охирин гардидаанд, эътибор надода, қарор қабул кардааст.

Масоли дигар, бо қарори судяи суди ноҳияи Ҷ. аз 21 июни соли 2022 Т.С. бо моддаи 597 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ҷазои ҷарима ба андозаи яккаратаи арзиши моле, ки ашёи ҳуқуққвайронкунии маъмурӣ мебошад, баробар ба 480 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Аз маводи парванда бармеояд, ки қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати охирин бо моддаи 597 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби сардори гумруки С. санаи 26 апрели соли 2021 қабул карда шуда, дар он ба ҳуқуқвайронкунанда ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавиаш фаҳмонида нашуда, дар ин хусус дар қарор сабт карда нашудааст.

Инчунин, аз парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати Н.А.А., О.Р.Б., С.А.Н., Х.С.Р., З.А.З., ки аз ҷониби суди ноҳияи Ҷ. баррасӣ гардидаанд, дида мешавад, ки ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки ҳарчанд дар қарори оғози парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тибқи талаботи моддаи 26 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаҳмондани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии ҳуқуқвайронкунанда ва супоридани нусхаи қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ишора шуда бошад ҳам, аммо санаи гузаронидани ин амалҳои мурофиавӣ нишон дода нашудааст.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои нишондодашуда дар аксарияти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии мавриди омӯзиш қарор додашуда ба назар мерасанд.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 84 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ фавран баъди ошкор кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода мешавад.

Ин муқаррароти қонун зимни барасмиятдарории

парвандаҳо дар баъзе ҳолатҳо аз ҷониби шахсони мансабдори ваколатдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо риоя нагардида, протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баъди гузаштани муҳлати зиёд тартиб дода шудаанд.

Масълан, аз парандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати У.И.Р. бо моддаи 577 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби суди ноҳияи Б. баррасӣ карда шудааст, бармеояд, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ санаи 31 октябри соли 2022, ҳангоми гузаронидани амалиёти гумрукӣ дар роҳи мошингарди ҳудуди Ҷамоати деҳоти О. ошкор карда шуда, аммо протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пас аз 18 рӯз, яъне 18 ноябри соли 2022 ба расмият дароварда шудааст.

Мисоли дигар, аз парандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати С.А.Ҷ. бо моддаи 577 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби суди ноҳияи Б. баррасӣ карда шудааст, дида мешавад, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ санаи 17 майи соли 2022, ҳангоми гузаронидани амалиёти гумрукӣ дар ноҳияи Б. ошкор карда шуда, протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бошад, пас аз 13 рӯз, яъне 30 майи соли 2022 ба расмият дароварда шудааст.

Ба ҳамин монанд аз рӯи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати А.С.Б., Ғ.Ҳ.Л., М.Н.С., ки аз ҷониби нозирони ШИЗҲГ-и РМГ дар вилояти С. ба расмият дароварда шудаанд, дида мешавад, ки протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ фавран баъди ошкор намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба расмият дароварда нашудаанд.

Мутобиқи талаботи моддаи 85 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи тартибдодаи мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) ё қарори прокурор оид ба оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар

давоми се шабонарӯз ба судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) равон карда мешаванд.

Муайян карда шуд, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ протоколи тартибдодаи онҳо на дар ҳама ҳолат, саривақт ба судҳо равон карда мешаванд.

Масаълан, аз маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати И.Ч.Д., ки аз ҷониби суди ноҳияи Б. баррасӣ карда шудааст, дида мешавад, ки аз ҷониби нозири ШМЗҲГ-и РМГ дар вилояти С. нисбати охирин 10 декабри соли 2021 протоколи ҳуқувайронкунии маъмурӣ тартиб дода, бо қарори муовини сардори Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти С. аз ҳамин сана нисбаташ бо моддаи 597 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст. Бархилофи талаботи меъёри зикргардида парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пас аз 50 рӯз, яъне 1 феврали соли 2022 барои баррасӣ намудан ба суд ирсол карда шудааст.

Мувофиқи талаботи моддаи 133 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон судяе, ки парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар пешбурдаш қарор дорад, ҳангоми тайёрӣ барои баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ масъалаи протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар протоколҳо дуруст тартиб дода шудаанд ё не, инчунин маводи тибқи Кодекси мазкур пешбинигардидаи парванда дуруст барасмият дароварда шудааст ё не, барои моҳиятан баррасӣ кардани парванда маводи ҷамъовардашуда кифоя аст ё не, инчунин маводи зарурии иловагӣ барои парванда талаб карда гирифта шудааст ё не, муайян менамояд.

Тавре аз мисолҳои дар боло нишондодашуда муайян карда шуд, судяҳои ҷумҳурӣ дар аксар ҳолатҳо ҳангоми тайёрӣ барои баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ масъалаҳои дар меъёри мазкур зикргардидаро, ки

барои ҳалли дурусти парванда аҳамият доранд, ба таври дахлдор таҳлил накарда, риояи гардидани талаботи қонунро оид ба пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби шахсони ваколатдори давлатӣ дуруст насанҷида, иҷроиши талаботи сархати сеюми моддаи 133 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин накарда, ҳолатҳои дар боло зикргардидаро бо талаботи сархати ҳафтуми моддаи 134 Кодекси мазкур, ки ҳамчун нодуруст тартиб додани протокол ва барасмият даровардани маводи парванда ба шумор меравանд ва асос барои баргардонида парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шуда метавонад, баҳои ҳуқуқӣ надодаанд.

Тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи 53 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор), ки парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар пешбурди онҳо қарор доранд, ӯҳдадоранд доир ба таъмини нигохдории далелҳои шайъӣ то моҳиятан баррасӣ кардани парванда чораҳои зарурӣ андешанд ва баъди баррасӣ гардидани парванда дар хусуси далелҳои шайъӣ қарори дахлдор қабул намоянд.

Омӯзиши парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати Б.Қ.М. бо моддаи 597 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби суди ноҳияи Б.Ғ. баррасӣ гардидааст, нишон дод, ки баъд аз эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори судя он бархилофи талаботи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» дар асоси мактуби ба сардори Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти С. дар қисми мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба фоидаи давлат фиристонида шудааст. Аз санад аз 16 декабри соли 2022 бармеояд, ки ҷиҳати иҷрои қарори мазкур ашёҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иборат аз 50 қуттӣ маводи таассуроти дандонпизишкӣ аз ҷониби нозири ШМЗҲГ

РМГ дар вилояти С. ба сармутахассиси бахши сармоягузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Б. супорида шудааст. Аммо, дар қабати парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ягон маълумот оид ба тақдири минбаъдаи ашёҳо ва далелҳои шайъӣ дида намешавад.

Чунин ҳолат дар парвандаҳо нисбати Қ.Р.Р. ва дигарон бо моддаи 597 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби суди ноҳияи Б. баррасӣ карда шудаанд, ҷой доранд.

Ё ин ки, аз рӯи парвандаи ҳуқувайронкунии маъмурӣ нисбати В.М.М. бо моддаи 597 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби суди ноҳияи Б. баррасӣ гардидааст, дида мешавад, ки баъд аз эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори судя аз 8 апрели соли 2022 он дар ассоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон „Дар бораи истеҳсолоти иҷро» санаи 3 майи соли 2022 ба Иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар ноҳияи Б. дар қисми мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба фоидаи давлат фиристонида шудааст. Аммо, дар қабати парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ то ҳол ягон хел маълумот оид ба тақдири минбаъдаи ашёҳо ва далелҳои шайъӣ ва ба манфиати давлат мусодира шудан ё нашудани онҳо маълумот вуҷуд надорад.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 70 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон аризиши молу мулки гирифташуда дар асоси нархҳои танзимшавандаи давлатӣ муайян карда мешавад, агар чунин нархҳо муқаррар гардида бошанд. Дар дигар ҳолатҳо арзиши молу мулки гирифташуда дар асоси арзиши бозории онҳо муайян карда мешавад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши молу мулки гирифташуда дар асоси хулосаи коршинос муайян карда мешавад.

Мувофиқи муқаррароти моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ)» субъектони фаъолияти нархгузорӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки барои машғул шудан ба фаъолияти нархгузорӣ иҷозатнома доранд.

Омӯзиши парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нишон дод, ки дар вақти пешбурди маъмурӣ аз тарафи шахсони ваколатдори мақомоти гумрук арзиши молу маҳсулоте, ки ғайриқонунӣ аз сарҳади гумрукӣ интиқол ё бидуни риояи қойдаҳои гумрукӣ ворид карда шудаанд, дар асоси маълумотномаҳои аз тарафи субъектоне, ки барои баҳодиҳӣ (нархгузорӣ) иҷозатнома надоранд, муайян карда, парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз намуда, барои моҳиятан баррасӣ намудан ба судҳо ирсол карда шудаанд.

Масалан, 30 майи соли 2022 аз ҷониби прокуратураи ноҳияи С. нисбати Д.Х.М. бо қисми 1 моддаи 578 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои он парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, ки дар гузаргоҳи сарҳадӣ ҳангоми азназаргузаронии гумрукии боғоҷи дастии охирин 54 адад руймоли занона ва 48 адад сарпуши таги руймоли занона, ки бояд ҳатман мавриди барасмиятдарории гумрукӣ қарор мегирифтанд ва бе пешниҳоди эъломияи гумрукии мол ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, ошкор карда шуда, барои баррасӣ намудан ба суди шаҳри Х. ирсол карда шудааст.

Бо қарори суди шаҳри Х. аз 14 июли соли 2022 Д.Х.М. бо қисми 1 моддаи 578 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи яккаратаи арзиши мол, ки ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад, баробар ба маблағи 4350 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Дар вақти пешбурди маъмурӣ арзиши молу

маҳсулоте, ки ғайриқонунӣ аз сарҳади гумрукӣ интиқол ё бидуни риояи қойдаҳои гумрукӣ ворид карда шудаанд, дар асоси маълумотномаи ҶДММ бозори деҳқони „Ш.» муайян карда шудааст. Аммо, оид ба он ки ҶДММ бозори деҳқони „Ш.» барои машғул шудан ба фаъолияти нархгузорӣ иҷозатнома дорад ё не дар парванда маълумоти тасдиққунанда ҷой надорад.

Ҳамин ҳолат дар парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати Ю.М.Ф., С.Ю., Н.М., ки пешбурди онҳо аз ҷониби Раёсати минтақавии гумрукӣ дар ВМКБ гузаронида шуда, аз тарафи суди шаҳри Х. баррасӣ гардидаанд, низ ба назар мерасад.

Мувофиқи талаботи моддаи 136 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар мухлати бист рӯз аз лаҳзаи протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар маводи парвандаро гирифтани судя баррасӣ карда мешавад. Дар сурати ворид шудани дархост аз ҷониби иштирокчиёни парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҳангоми зарурати ба таври иловагӣ муайян кардани ҳолатҳои ин парванда аз ҷониби судя, мухлати баррасии парванда метавонад на бештар аз як моҳ дароз карда шавад.

Омӯзиши парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нишон дод, ки дар баъзе ҳолатҳо судяҳо ба кашолкорӣ роҳ дода, парвандаҳои мазкурро дар мухлатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 136 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ накардаанд.

Масъалан, аз маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати Н.Д.А. бо моддаи 597 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки он 13 сентябри соли 2022 ба суди шаҳри В. ворид гардидааст. Судяи суди шаҳри В. талаботи меъёри мазкурро риоя накарда, бо таъинот аз 3 октябри соли 2022 баррасии парвандаро ба рӯзи 6 октябри соли

2022 таъин намуда, бо гузаронидани муҳлати мурофиавӣ онро баррасӣ кардааст.

Мисоли дигар, парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати С.С.Н. бо моддаи 597 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 ноябри соли соли 2022 ба суди ноҳияи И. ворид гардидааст. Судя талаботи меъёри мазкурро риоя накарда, бо таъинот аз 9 декабри соли 2022 баррасии парвандаро ба рӯзи 13 декабри соли 2022 таъин намуда, бо гузаронидани муҳлат онро баррасӣ кардааст.

Мувофиқи моддаи 137 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муайян карда мешавад, ки оё иштирокчиёни баррасии парванда бо тартиби муқарраргардида дар бораи вақт ва маҳалли баргузории муҳокима огоҳ карда шудаанд ё не, инчунин сабабҳои ҳозир нашудани иштирокчиёни баррасии парванда муайян карда, аз рӯйи он дар бораи баррасии парванда дар ҳузури ин шахсон ё мавқуф гузоштани баррасии парванда қарор қабул карда мешавад ва ба шахсони иштирокчии баррасии парванда ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо фаҳмонида мешавад.

Омӯзиш нишон дод, ки талаботи меъёри зикргардида на ҳама вақт аз ҷониби судяҳо риоя гардида, ҳуқуқҳои мурофиавии иштирокчиёни баррасии парванда таъмин карда намешаванд.

Масъалан, парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати А.Н. бо моддаи 577 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суди шаҳри И. 4 феврали соли 2022 ворид гардида, бо қарори судя аз 17 феврали соли 2022 баррасии парванда ба рӯзи 23 феврали соли 2022, соати 11:30 дақиқа таъин карда шудааст.

Аз протоколи маҷлиси судӣ бармеояд, ки парвандаи мазкур бе иштироки ҳуқуқвайронкунанда А.Н. баррасӣ карда шуда, дар қабати парванда ҳуҷҷати тасдиққунандаи

ба таври дахлдор даъват намудани охирин ҷой надорад.

Тибқи талаботи моддаи 141 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарор оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бояд маълумотҳо оид ба вазифа, насаб, ном ва номи падари судя, вақт ва маҳалли баррасии парванда, маълумот дар бораи шахсе, ки нисбати ӯ парванда баррасӣ гардидааст, ҳолатҳое, ки зимни баррасии парванда муқаррар карда шудаанд, моддаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии маъмуриро барои содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё асосҳои қатъ кардани пешбурди парвандаро пешбинӣ менамояд, асосноккунии қарор вобаста ба парванда, муҳлат ва тартиби шикоят кардан ва эътироз овардан ба қарор, нишон дода шаванд.

Омӯзиши парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии категоряи зикргардида нишон дод, ки судяҳо дар аксар мавридҳо талаботи меъёри зикргардидаро ба таври дахлдор таъмин накарда, маълумотҳои дар он пешниҳодшударо нопурра ва хатто дарҷ намуда ё пайдарҳамии онҳоро дар қарорҳо риоя намекунанд.

Масъалан, аз қарори судяи суди ноҳияи Х. аз 18 апрели соли 2022 нисбати С.Р.М. бо моддаи 597 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки дар он насаб, ном ва номи падари судя ба пуррагӣ сабт нагардида, танҳо насаб бо ишора ба ҳарфҳои аввали ном ва номи падар оварда шудааст. Инчунин, судя дар қисми хулосавии қарор ҳарчанд муҳлат ва тартиби шикоят кардан ва эътироз овардан ба қарорро нишон дода бошад ҳам, аммо тибқи талаботи моддаи 148 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он шахсоне, ки мутобиқи моддаҳои 26-30 ва 36 Кодекси мазкур метавонад шикоя ё эътироз пешниҳод намоянд, ишора карда нашудааст.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 142 КМҲМ

Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи қарор дар муҳлати се рӯзи баъди қабули он ба ҳуқуқвайронкунанда, намояндаи ӯ, инчунин ба ҷабрдида бо гирифтани дастхат супорида мешавад.

Тавре омӯзиш нишон дод, талаботи меъёри мазкур на дар ҳама ҳолат риоя гардида, нусхаи қарор дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун ба тарафҳо супорида мешавад.

Масъалан, бо қарори судяи суди ноҳияи Б. аз 9 феврали соли 2022 А.Х.Х. бо моддаи 577 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, нисбаташ ҷазои ҷарима таъин карда шудааст, аммо нусхаи он ба ҳуқувайронкунанда тавассути почта санаи 18 феврали соли 2022 ирсол карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида ягона набуда, онҳо дар барасмиятдарории пешбурди мурофиавии аксарияти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии категоряи зикргардида, ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ баррасӣ гардидаанд, ҷой доранд ва ба назари эътибор гирифтан ва мавриди корбарӣ қарор додани ҳаллӣ онҳо ба тамоми судяҳои судҳои умумии кишвар дахл дорад.

Аз ин рӯ ҷамъбастии мазкурро ба охир расонида, аз натиҷаи он пешниҳод менамоем, ки ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ баррасии парвандаҳои маъмурӣ бештар дар мурофиаҳои сайёри судӣ, дар ҷои кор ё истиқомати ҳуқуқвайронкунандагон ба роҳ монда шаванд.

Ҷамъбастии мазкур ба таваҷҷуҳи судяҳои судҳои ҷумҳурӣ расонида шавад.

**Коллегияи судӣ оид ба**
**парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии**
**маъмурии Суди Олӣ**

## Ҷ А М Ъ Б А С Т И
## сабабҳои тағйирёбӣ ва бекоршавии санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ

Ҷиҳати иҷрои нақшаи кории Суди Олӣ барои нимсолаи дуюми соли 2023, омузиши сабабу асосҳои тағйирёбӣ ва бекоршавии санадҳои судиро, ки соли 2022 коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олӣ баррасӣ кардааст, мавриди омӯзиш қарор дода шуданд.

Чуноне таҳлилҳо нишон медиҳанд асосҳои бекор гардидани санадҳои судӣ тибқи талаботи моддаҳои 150-153 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ нагузаронидан, гарчанде таъинот оид ба омодасозии он ба муҳокимаи судӣ қабул намуда бошанд ҳам, вале воқеан ягон амалҳои мурофиавиро, ки барои баррасии дурусти баҳс аҳамияти муҳим доранд анҷом надодан, бо тартиби муқаррар намудаи моддаи 115 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон даъватномаҳои судиро барои дар вақти муқаррагардидаи мурофиаи судӣ ба иштирокчиёни мурофиаи судӣ нарасонидан, парвандаҳоро бе иштироки даъвогар ва ё ҷавобгар баррасӣ намудан, аз талаби даъво баромадан ва ё яке аз талабҳои даъворо ҳал накардан, ба иҷро нарасонидани талаботи моддаи 70 КМГ, оиди натиҷаҳои баҳодиҳии далелҳоро дар ҳалнома дарҷ накардан, асосҳое, ки мутобиқии онҳо ба як далел нисбат ба далели дигар афзалият дода шудааст дар ҳалнома зикр накардан, ҷоизию дахлдории далелҳоро мавриди баҳодиҳӣ қарор надодан, талаботи моддаи 358 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро оиди нишондодҳои марбут ба зарурати гузаронидани амали мурофиавӣ, ки дар қарори суди болоӣ зикр гардидааст иҷро накардан, татбиқ ва нодуруст маънидод намудани меъёрҳои моддию мурофиавӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Масалан, шаҳрванд Н.С.Н. дар шаҳри Т. ба суд бо аризаи даъвогӣ ба ҷавобгарии Н.Б.Н ва Кумитаи идораи замини шаҳри Т. дар бораи барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда, бартараф намудани монеагӣ ҷиҳати истифодабарии қитъаи замин, талаб карда гирифтан ва таҳти истифода вогузор намудани қитъаи замин муроҷиат намудааст.

Бо ҳалномаи суди шаҳри Т. аз 13 декабри соли 2021, даъвои Н.С. қисман қонеъ карда шуда, монеагии Н.Б.Н. нисбат ба Н.С.Н. ҷиҳати истифодаи қитъаи замин ба андозаи 0,10 га воқеъ дар шаҳри Т., Ҷамоати деҳоти Қ. бартараф карда шуда, аз истифодабарии Н.Б.Н. ба истифодабарии Н.С.Н. қитъаи замин ба андозаи 0,10 га воқеъ дар шаҳри Т., Ҷамоати деҳоти Қ. талаб карда гирифта, ба истифодабарии Н.С.Н. вогузошта шудааст.

Бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олӣ аз 4 майи соли 2022 ҳалномаи мазкур бо асосҳои зерин бекор карда шуда, парванда ба баррасии нави судӣ ирсол шудааст.

Мутобиқи талаботи моддаи 200 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 2 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 «Дар бораи ҳалномаи судӣ» ҳалнома бояд қонунӣ ва асоснок бошад.

Ҳалнома дар он ҳолат қонунӣ мебошад, ки агар он бо риояи дақиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ қабул карда шуда, ба меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки нисбати ҳамин муносибатҳои ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд, пурра мувофиқат кунад, ё дар ҳолатҳои зарурӣ ба татбиқи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ асос карда шуда бошад.

Аммо талаботи меъёрҳои ҳуқуқи моддию мурофиавӣ ва қарори Пленум аз тарафи суд риоя карда нашудааст.

Аз аризаи даъвогии Н.С. бармеояд, ки ба вай Н.Б. ҷиҳати истифодабарии қитъаи замин ба андозаи 0,10 га воқеъ дар шаҳри Т., Ҷамоати деҳоти Қ. монеагӣ намудааст.

Тавре, аз маводҳои парвандаи граждани бармеояд, қитъаи замини баҳсӣ воқеъ дар ҳудуди шаҳри Т., Ҷамоати деҳоти Қ. бе ягон ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда қаблан дар истифодаи падару модари Н.-ҳо қарор доштааст. Модари тарафҳо Н.З. 10 июли соли 2018 вафот кардааст, ки ин ҳолат бо хатти вафот дар қабати маводи парвандаи граждани тасдиқ мегардад.

Аз ҳалномаи суд бармеояд, ки суди марҳилаи якум ба хулоса омадааст, ки аз ҷониби даъвогар Н.С.Н. ва ҷавобгар Н.Б.Н. дар хусуси он ки қитъаи замини баҳсӣ ба падарашон Н.Н. ва ё модарашон Н.З. тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории замин ҷудо ва ё вобаста шудаст, далели боэътимод аз қабили қарорҳои колхоз, Ҷамоати деҳот, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод карда нашудааст. Инчунин суд ба хулоса омадааст, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини баҳси тибқи, тартиби муқарраршудаи қонунгузории замин ба ягон шаҳрванд, аз ҷумла ба Н.С. ҷудо ва ё вобаста карда нашудааст.

Аммо суд хилофи ин навиштаҳо амал карда, ба хулоса омадааст, ки пас аз вафоти падару модарашон қитъаи замини баҳсӣ байни тарафҳо ба ҳиссаҳои баробар тақсим карда шудааст. Ҳоло он ки дар қабати парванда ягон далели тасдиққкунанда оиди тақсими қитъаи замини баҳсӣ байни Н.-ҳо ва қабули мерос аз ҷониби онҳо мавҷуд нест. Н.-ҳо оид ба истифодаи қитъаи замин ягон ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда надоранд ва ба суд онҳоро пешниҳод накардаанд. Вале суди марҳилаи якум ба ин ҳолати кор аҳамият надода, аризаи даъвогии Н.С.-ро қабул кардааст. Ҳолатҳои дар боло зикргардида, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки

аз ҷониби суди марҳилаи якум парвандаи гражданӣ бо ба таври ҷиддӣ вайрон намудани меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ, ки ин ҳолат тибқи талаботи моддаи 351 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, асос барои бекор кардани ҳалномаи қабулнамудаи судӣ мегардад.

Мисоли дигар, бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олӣ аз 7 декабри соли 2022 ҳалномаи суди шаҳри В. аз 27 сентябри соли 2022 бо асосҳои зерин бекор ва парванда барои баррасии нави судӣ фиристода шудааст.

Х.Қ.З. намояндаи Ташкилоти ҷамъиятии «Х.»-и шаҳри В., А.О.М. ва Ш.А.М. нисбати Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри В., Р.Ю.И., Ҳ.У., ҶДММ «Р.» ва шахси сеюм Кумитаи идораи замини шаҳри В. дар бораи барқарор кардани муҳлати даъво, беэътибор донистани қарори раиси шаҳри В., аризаи Р.Ю.И., Ҳ.У. ва намоянда Э.А. дар бораи татбиқ намудани муҳлати даъво ба суд муроҷиат намуда, асос овардааст, ки бо қарори раиси шаҳри В. аз 24 ноябри соли 2009, таҳти №1423 ба Ташкилоти ҷамъиятии «Х.»-и шаҳри В. 0,94 га аз ҳисоби китъаи замини майдончаи варзишгоҳи «Ҳ.» дода шудааст.

Аз соли 2009 инҷониб фаъолият карда, то соли 2017 дар тамоми мусобиқаҳои варзишии дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ яъне дар сатҳи Осиёи миёна иштирок намуда, сазовори ҷойҳои муносиб гардиданд.

Соли 2017 бинобар сабаби бемории Х.Қ.З. ва дигар камбудиҳои оилавӣ натавонистааст, ки вориди клуби мазкур гардад. Аз ин фурсат раиси шаҳри В. истифода бурда, дар асоси қарори раиси шаҳри В. аз 6 июни соли 2017, таҳти №1042 қарори вобаста кардани китъаи замин ба Ташкилоти ҷамъиятии «Х.»-и шаҳри В. аз 24 ноябри соли 2009 тахти №1423 ғайриконунӣ бекор кардааст.

Дар навбати худ барои бекор кардани қарори раиси шаҳри В. аз 24 ноябри соли 2009 тахти №1423 даъвогарон Х.Қ.З., А.О.М. ва Ш.А.М. ҳамчун муассисони Ташкилоти ҷамъиятии «Х.»-и шаҳри В. огоҳ карда нашудаанд.

Дар дигар ҳолат аз номи Ташкилоти мазкур аз 11 майи соли 2017, тахти №13 мактуб оид ба додани розигӣ барои бекор кардани қарори раиси шаҳри В. аз 24 ноябри соли 2009, таҳти №1423 бо рохи сохтакорӣ, яъне аз ҷониби даъвогар Х.К.З. имзо карда нашуда, аз тарафи шахси номаълум имзо шуда, пешниход шудааст.

Аз мавҷуд будани қарори раиси шаҳри В. аз 6 июни соли 2017, таҳти №1042 огоҳ набуданд. Қарори мазкур бо роҳи сохтакорӣ, яъне бо омода кардани ҳуҷҷатҳои калбакӣ ба тасвиб расидааст.

Сертификати ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ки Ташкилоти ҷамъиятии «Х.»-и шаҳри В. дар асоси он ҳуқуқи истифодаи бемуҳлати 0,94 га китъаи заминро доро аст бекор карда нашуда, эътибори конунӣ дорад.

Айни замон онҳо муассисон иқдом пеш гирифтанд, ки дастаи клуби футболи «Х.»-ро аз нав бо ҷалби ҷавонони варзишгар ташкил намоянд, ки ба стандартхои имрӯза ҷавобгӯ бошад.

Бинобар ин, аз суд хоҳиш намуданд, ки талаботи аризаи даъвогиашон конеъ гардонида шавад.

Дар навбати худ Р.Ю.И. ба суд бо норозигӣ муроҷиат карда, вачҳ овардаст, ки даъвогарон дар аризаи даъвогии худ ҳолатҳои ба Ташкилоти ҷамъиятии «Х.»-и шаҳри В. вобаста карда шудани қитъаи замини майдончаи варзишгоҳи «Ҳ.» ва гирду атрофии онро дар масоҳати 0,94 гаро мутобиқ ба қарори раиси шаҳри В. дарҷ карда, минбаъд то соли 2017 фаъолият накардан ва истифода набурдани китъаи замин (варзишгоҳ)-ро пурра қайд накарда, оиди ҳолату мавқеи заминистифодабаранда

Ташкилоти ҷамъиятии «Х.»-и шаҳри В дар солҳои охир маълумоте надодаанд. Маълум нест, ки Ташкилоти мазкур дар доираи конуну коидаҳои амалкунанда арзи хастӣ дорад ё не.

Айни ҳол варзишгоҳи замонавӣ дар шаҳри В. барои фаъолияти клуби мазкур дар истифода қарор дорад ва аз ин варзишгоҳро метавонанд истифода баранд.

Қарорҳои вобаста ба додани қитъаи замин ба мақсади бунёди сохтмони майдончаи варзишӣ ва иншоотҳои вобаста ба он ки ба ӯ дода шудааст қонунию асоснок медонанд.

Даъвогарон мӯҳлатҳои муқарраршудаи моддаи 256 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе сабаби узрнок гузаронидаанд ва барои барқарорсозии ин мӯҳлатҳо далели боэътимоде пешниҳод накардаанд.

Аз суд хоҳиш намуданд, ки даъвои Х.Қ.З., А.О.М. ва Ш.А.М. ҳамчун даъвои беасос ва бинобар гузаронидани мӯҳлат рад карда шавад.

Бо ҳалномаи суди шаҳри В. аз 27 сентябри соли 2022 даъвои Х.Қ.З. ва дигаронро дар бораи беэътибор донистани қарори раиси шаҳри В. қонеъ гардонида, аризаи Р.Ю.И.-ро дар бораи татбиқ намудани мӯҳлати даъво рад карда шудааст.

Аз мӯҳтавои ариза дида мешавад, ки даъвогарон беэътибор донистани қарори раиси шаҳри В.-ро аз суд хоҳиш карданд. Аммо судя бархилофи меъёри мазкур муроҷиати онҳоро дар шакли аризаи даъвогӣ қабул намуда, баррасӣ кардааст.

Қисми 2 моддаи 256 Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст, ки сабабҳои гузаронидани мӯҳлат дар маҷлиси пешакии судӣ ё маҷлиси судӣ муайянгардида метавонанд барои рад намудани қонеъ кардани ариза асос шаванд.

Суди марҳилаи якум аризаи даъвогаронро дар бораи барқарор намудани муҳлати семоҳа муҳокима намуда, рад кардааст. Вале аз маводи парванда дида мешавад, ки қарори мавриди баҳс қароргирифта 6 июни соли 2017 қабул шудааст ва баъд ин қарор дар китъаи замини баҳсӣ якчанд иншоотҳо сохта шудааст ва ин ҳолатро якҷоя бо дигар ҳолатҳои парванда мавриди санҷиш ва муҳокима карор надода, муҳлати муроҷиатро гузарониданашуда ҳисоб карда рад кардааст.

Сархати 4 қисми 2 моддаи 353 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки ҳалномаи суди марҳилаи якум новобаста аз далелҳои шикояти кассатсионӣ дар ҳолатҳое, ки агар суд масъаларо оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсоне ҳал карда бошад, ки барои иштирок ба муҳокимаи парванда ҷалб нашудаанд бекор мекунад.

Суд бо таъинот аз 15 июли соли 2022 Кумитаи идораи замини шаҳри В.-ро ҳамчун шахси сеюм ба парванда ҷалб карда, лекин иштироки ӯро дар баррасии парванда таъмин накарда, нусхаи аризаи даъвогиро ба ӯ насупоридааст, ки ин аз вайрон кардани ҳуқуқҳои мурофиавии тарафи парванда гувоҳӣ медиҳад.

Камбудҳои дар боло номбурда аз вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ шаҳодат медиҳанд, бинобар ин ҳалномаи суд бекор карда шуда, ба баррасии нав ба ҳамон суд ирсол карда шудаст.

Дигар мисол, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олӣ 5 октябри соли 2022 ҳалномаи суди шаҳри Ҳ. аз 19 июли соли 2022 ва таъиноти маҷлиси судӣ аз 12 августи соли 2022 аз рӯи парвандаи гражданӣ бо даъвои М.Р.Х. ба ҷавобгарии И.Г.Қ. дар бораи баркарор намудани муҳлати даъво, бартараф намудани монеагӣ оиди истифодабарии қитъаи замин ва беэътибор донистани

шиносномаи техникии ҳавлидорӣ бекор карда, парвандаро ба баррасии навӣ судӣ ирсол кардааст.

М.Р.Х. бо даъвои зикршуда бо он асос муроҷиат кардааст, ки падараш соли 1985 манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри Ҳ., кӯчаи Р.-ро харидааст. Тибки қарори раиси ноҳияи Ҳ. аз 22 марти соли 1985 таҳти №36, китъаи замини наздиҳавлигии онҳо аз 0,06 га иборат мебошад. Баъди вафоти падараш, ӯ ва бародараш манзили истиқоматиро бо ҳиссаҳои баробар ба мерос гирифтанд. Ҳамсояашон И.Қ. вобаста аз вазъи ноороми солҳои 1990-1991 бо зӯрӣ як қисми замини онҳоро ба замини наздиҳавлигиаш ҳамроҳ карда, бо шифер сарҳадгузорӣ намудааст, ки он то ҳол вуҷуд дорад. Ҳар вақг, ки ӯ оиди баргардонидани қитъаи замин муроҷиат менамудааст, И.Қ. тирпаронӣ ва онҳоро таҳдид мекардааст. Баъди вафоти И.Қ. ӯ ба духтари охирин – И.Г. муроҷиат намудааст. И.Г. қитъаи заминро ба ҳолати авалла баргардонидан нахоста, аз КДФ «Бакайдгираи молу мулки ғайриманқул»-и шахри Ҳ. шиносномаи техникӣ гирифта, китъаи замини онҳоро ба замини наздиҳавлигиаш ворид намудааст. Бинобар ин, аз суд хоҳиш намудааст, ки сабабҳои гузаронидани муҳлати даъво узрнок эътироф карда, муҳлати даъво барқарор ва монеаи эҷоднамудаи И.Г. бартараф карда, китъаи замин ба ҳолати аввала баргардонида, шиносномаи техникии ба И.Г. додашуда беэътибор дониста шавад. Дар навбати худ, И.Г.Қ. норозигӣ пешниҳод карда, зикр намудаст, ки манзили истиқоматии вокеъ дар сурогаи шаҳри Ҳ. кӯчаи Б. ба шаҳрванд Т.Г. дар асоси қарори ноҳияи Ҳ. аз 02 феврали соли 1996, бо масоҳати қитъаи замини 475 метри мураббаъ вобаста карда шуда буд. Ин манзилро дар асоси шартномаи хариду фурӯш аз 1 апрели соли 1996 падараш И.Қ. харидааст. Сипас дар асоси қарори раиси ноҳияи Ҳ. аз 12 феврали соли 2010 таҳти №254, ба падараш ин манзил

бо қитъаи замини наздиҳавлигии 475 метри мураббаъ вобаста карда, соли 2013 сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дода шудаст. Падараш соли 2019 вафот кардааст ва дар асоси ҳалномаи суди шаҳри Ҳ. аз 8 ноябри соли 2019 манзили номбаршударо ӯ ва бародараш бо ҳиссаҳои баробар ба мерос гирифтанд. Ҳамин тавр аз соли 1996 то ҳол манзили истиқоматии номбаршуда бо қитъаи замини масоҳаташ 475 м.м. дар ихтиёрдории онҳо мебошад. Вачҳи даъвогар оид ба он ки марҳум И.Қ. бо зурӣ замини ӯро ба замини наздиҳавлигиаш ҳамроҳ намуда бошад, беасос буда, вобаста ба ин вачҳ ягон далел пешниҳод карда нашудаст. Бинобар ин, пурсидааст, ки даъвои М.Р. рад карда шавад.

Бо ҳалномаи суди шаҳри Ҳ. аз 19 июли соли 2022 даъво қисман қонеъ карда шудааст.

Тибқи талаботи моддаи 150 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, судя баъди қабули ариза ҷиҳати омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ таъинот қабул мекунад ва амалеро, ки тарафҳо, шахсони дигари иштирокчии парванда бояд анҷом диҳанд, муҳлати иҷрои ин амалҳоро барои таъмини баррасии саривақтии парванда ва ҳалли дурусти он зикр менамояд. Омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ нисбат ба ҳар як парвандаи гражданӣ ҳатмӣ буда, аз ҷониби судя бо иштироки шахсони иштирокчии парванда ва намояндагони онҳо анҷом дода мешавад.

Мувофиқи муқаррароти моддаи 151 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ аз аниқ намудани ҳолатҳои воқеие, ки барои ҳалли дурусти парванда аҳамият доранд, пешниҳоди далелҳои зарурӣ аз ҷониби тарафҳо ва дигар шахсони иштирокчии парванда мебошад.

Тибқи талаботи сархатҳои 1 ва 7 кисми 1 моддаи 153 КМГ Ҷумҳурии Точикистон, судя ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ даъвогарро оид ба моҳияти талаботи пешниҳоднамудааш пурсида, агар зарур бошад, ба он пешниҳод мекунад, ки дар мухлатҳои муайян далелҳои иловагиро ба суд супорад, экспертиза ва барои гузаронидани он коршиноси судиро таъин намуда, инчунин масъалаҳои ба мурофиа ҷалб намудани мутахассис ва тарҷумонро ҳал мекунад.

Тавре аз маводҳои парванда бармеояд, М.Р.Х. талаботҳои даъвогӣ оиди ба ҳолати аввала баргардонидани китъаи замин, бартараф намудани монеаи эҷоднамудаи доир ба истифодаи қитъаи замин пешниҳод намуда, зикр кардааст, ки падари ҷавобгар кисми китъаи замини ӯро, ки аз падараш ба мерос мондаст, забт намудаст. Аммо дар аризаи даъвогӣ масоҳати қитъаи замини мавриди баҳс қарордодаашро нишон надодаст.

Суди марҳилаи якум талаботи моддаҳои болозикрро ба иҷро нарасонда, зимни омодасозии парванда даъвогарро оид ба моҳияти талаботи пешниҳоднамудааш напурсида, муайян накардааст, ки ӯ баргардонидани чӣ қадар масоҳати китъаи заминро талаб дорад.

Тибқи талаботи моддаи 200 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳалнома бояд қонунӣ ва асоснок бошад.

Мувофиқи талаботи қисми 4 моддаи 202 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми асосноккунонии ҳалнома бояд ҳолатҳои парванда, ки суд муқаррар намудааст; далелҳое, ки хулосаи суд оид ба ин ҳолатҳо бо ин далелҳо асос ёфтаанд; ваҷҳҳое, ки дар асоси онҳо суд ин ё он далелро рад кардааст; қонуне, ки суд ба роҳбарӣ гирифтааст, дарҷ гардад.

Вале ҳалнома ба талаботи моддаҳои мазкур ҷавобгӯй намебошад. Зеро суди марҳилаи якум ҳолатҳои барои

ҳалли парванда аҳамиятдоштаро дуруст муайян накарда, бармаҳал ҳалнома қабул намудаст.

Тавре дида мешавад, суд дар қисми хулосавии ҳалнома зикр кардааст, ки монеаи эҷоднамудаи ҷавобгар И.Г.Қ., ки китъаи замини наздиҳавлигии ба даъвогар М.Р.Х. тааллуқ доштаро воқеъ дар суроғаи шаҳри Ҳ., кӯчаи Р. ғайриқонунӣ забт намудааст, бартараф карда, қитъаи замини мазкур ба даъвогар М.Р.Х. баргардонида дода шавад. Шиносномаи техникии манзили истиқоматии ҷавобгар И.Г.Қ. воқеъ дар шаҳри Ҳ., кӯчаи Б., ки санаи 24 январи соли 2020 тағйироти ҷорӣ гузаронида шудааст, дар қисмати қитъаи замини бартарафшуда беэътибор дониста шавад.

Чунин хулосабарории суди марҳилаи якум бармаҳал аст. Зеро масоҳати қитъаи замин муайян карда нашудааст.

Чуноне аз маводҳои парванда дида мешавад, суд дар давраи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва дар рафти маҷлиси судӣ масъалаи таъини экспертизаро ҷиҳати муайян намудани масоҳати қитъаи замини забтшуда ҳал накардааст. Ҳол он ки тибқи талаботи қисми 1 моддаи 82 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тавзеҳи масъалаҳои ҳангоми баррасии парванда бамиёномада, ки донишҳои махсусро тақозо мекунад, суд бо ташаббуси худ ё тибқи дархости тарафҳо ё дигар шахсони иштирокчии парванда экспертиза ва барои гузаронидани он коршиноси судиро таъин намуда, дар ин бора таъинот қабул мекунад.,

Аз маводҳои парванда дида мешавад, ки мувофиқи қарори раиси шаҳри Ҳ. аз 22 марти соли 1985 қитъаи замини наздиҳавлигии падари даъвогар ҳамагӣ 0,06 га-ро ташкил медиҳад.

Аммо дар шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун қитъаи замин 800 м.м., дар шиносномаи техникӣ бошад 870 м.м. нишон дода шудааст.

Суди марҳилаи якум ин мухолифатҳои ҷойдоштаро бартараф накардаст.

Ғайр аз он, суди марҳилаи якум он ҳолатро ба назар нагирифтааст, ки баъди вафоти И.Қ. фарзандони ӯ - ҷавобгар И.Г. ва И.Б. ба ҳиссаи баробар манзили падарашонро ба мерос қабул кардаанд. Суди марҳилаи якум ҷиҳати ба парванда ҳамроҳ шудани охирин чораандешӣ нанамуда, муайян накардааст, ки дар сурати мавҷуд будани ҳолати забти қитъаи замин он ба ҳудуди манзили кадоме аз фарзандони марҳум И.Қ. дохил мебошад.

Инчунин дар асоси нишондоди шоҳидон ба хулоса омадани суд оид ба он ки аз тарафи марҳум И.Қ. қисми қитъаи замини манзили истиқоматии М.Р.Х. забт ва бо шифер маҳкам карда шудааст, бармаҳал мебошад. Зеро ин ҳолат бо хулосаи ташхиси мутахассиси соҳаи замин муайян карда мешавад.

Ғайр аз он, суд ба хулоса омадаст, ки дар асоси ҳуҷҷатхои ҳуқуқмуайянкунанда қитъаи замини падари ҷавобгар 475 м.м. буда, баъди қабули мерос ва тартиб додани шиносномаи техникӣ масоҳати қитъаи замин зиёд шуда, 500 м.м-ро ташкил менамояд ва ҳамин ҳолат ҳамчун далели аз тарафи ҷавобгар ба вуҷуд овардани монеагӣ баҳо дода шудаст.

Чунин хулосаи суд низ бармаҳал ва бе муайян кардани ҳолатҳои воқеии парванда мебошад.

Тибқи шиносномаи техникӣ масоҳати қитъаи замини даъвогар 410 м.м.-ро ташкил медиҳад. Вале ҳудудҳои қитъаи замини даъвогар муайян нест ва онро суд бо роҳи таъини ташхиси судӣ ва хулосаи мутахассисони соҳаи замин муайян накарда, суд хулосаашро бо азназаргузаронии манзили истиқоматӣ, ки қитъаи замини он бо шифер ҷудо карда шудааст, асоснок намудааст.

Ҳамзамон коллегияи судӣ ба хулоса омадааст, ки таъиноти маҷлиси судӣ аз 12 августи соли 2022 дар бораи ворид намуданиислоҳот ба ҳалномаи судӣ, ки бо ин таъинот масоҳати қитъаи замин аз 0,06 га ба 0,08 га иваз карда шудааст, низ бекор карда шавад. Зеро ҳалномаи суд бекор карда мешавад.

Ҷой доштани ин ҳолатҳо тибқи талаботи сархатҳои 1 ва 3 қисми 1 моддаи 351 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои бекор кардани ҳалнома ва таъинот бо тартиби кассатсионӣ мебошанд.

Камбудҳои дар боло номбурда аз вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ шаҳодат медиҳанд, бинобар ин ҳалнома ва таъиноти маҷлиси судиро бекор карда, ба баррасии нав ба ҳамон суд, ирсол карда шудаст.

Тавре омӯзиш ва таҳлили бекоршавии санадҳои судӣ собит месозанд дар фаъолияти баъзе аз судяҳо ҳолатҳои саривақт баррасӣ ва ҳал нанамудани аризаҳои даъвогӣ, бо сифати ниҳоят паст ва ғайрикасбӣ таҳия намудани санадҳои судӣ, беасос навиштани ҳалномаҳои калонҳаҷми душворфаҳм, беасос бе баррасӣ мононданӣ аризаҳо, нодуруст аз рӯи тобеияти судӣ ба дигар суд ирсол кардани парвандаҳо ва ғайраҳо ҷой доранд.

Судяҳо аз болои худ оид ба баланд бардоштани савияи дониши касбии худ ҳамавақт бояд кор баранд, такрор ба такрор қонунҳоро мутоила намуда, аз дастуру тавзеҳотҳои қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ва дигар китобу мақолаҳои илмӣ вобаста ба татбиқи қонунгузорӣ ва тафсирҳои қонунҳо бояд бахравар бошанд.

Бо назарзошти гуфтаҳои боло қайд намудан лозим аст, ки баҳри беҳ гардидани сифати баррасии парвандаҳои судӣ, ба таври зарурӣ бурдани назорати судӣ аз ҷониби Суди Олӣ, судҳои вилоятӣ ва суди шаҳри Душанбе, беҳбудии ҷиддиро металабад.

Аз ин рӯ зарур аст, ки дар машғулиятҳои семинарии судяҳо, ки дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ҳар моҳ гузаронида мешавад, нисбати судяҳое, ки санадҳои судии онҳо бекор карда шудааст, чораҳои таъсирбахш татбиқ гардида, мавзуъҳои семинарӣ оид ба баҳсҳое, ки дар амалияи судӣ мураккабу баҳсталабанд дар рӯзномаҳои семинарӣ гузошта шуда, маърӯзачиён ҳамаҷониба ва бо таҳлили пурра баромад намоянд, сифати гузаронидани семинарҳо беҳтару хубтар карда шаванд ва дигар чораҳо бобати тақвияти қонунияту адолати судӣ андешида шаванд.

**Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣи Суди Олӣ**

# ҶАМЪБАСТИ
## таҷрибаи судӣ оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон зимни баррасии парвандаҳои оилавӣ вобаста ба баҳсҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ

Ҷиҳати иҷроиши нақшаи кории Суди Олӣ таҷрибаи баррасии парвандаҳои оилавӣ вобаста ба бекор кардани ақди никоҳ, ки дар судҳои ҷумҳурӣ дар давраи соли 2022 баррасӣ шудаанд, ҷамъбаст карда шуд.

Мақсад аз гузаронидани ҷамъбастии мазкур, омӯзиши таҷрибаи судӣ вобаста ба баррасии парвандаҳои оилавӣ оид ба бекор кардани ақди никоҳ, дар оянда таъмин намудани беҳбудии фаъолияти судҳо ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини ҳифзи ҳуқукҳои кӯдакон ҳангоми баррасию ҳалли ин намуди парвандаҳо мебошад.

Тибқи талаботи моддаи 33-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият таҳти ҳимоя қарор додааст. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд.

Муайян карда шуд, ки судҳо баҳри нигоҳдории оилаҳо ҳамчун асоси ҷамъият кушишҳо карда бо истифода аз ваколатҳояшон вазифаи хизматии худро сари вақт ва дар доираи қонун ба иҷро расонида истодаанд.

Ҷамъбаст нишон дод, ки судяҳо ҳангоми қабули парвандаҳои категорияи мазкур на ҳама вақт талаботи моддаи 134-135 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дуруст риоя менамоянд.

Омӯзиши парвандаҳо нишон дод, ки ҳангоми баррасии парвандаҳо асосан аз ҷониби судҳо талаботи

меъёрҳои қонунӣ мурофиавӣ ва моддӣ риоя гардида, санадҳои судии қонунию асоснок қабул гардидаанд.

Аз таҷрибаи судии баррасии ин намуди парвандаҳо маълум гардид, ки бекоршавии никоҳ ва пароканда гардидани оилаҳо хусусан дар байни ҷавонон дар давраи аввали зиндагонии якҷояи онҳо ба амал меояд. Сабабҳои асосии барҳам хурдани оилаҳо ин бо ҳам мувофиқ наомадани хислатҳои зану шавҳар, дахолати падару модарони онҳо ба ҳаёти мустақили онҳо, тайёр набудани ҷавонон ба оиладорӣ, мушкилоти иқтисодӣ, аз ҷумла нарасидани манзили зист, рашки зану шавҳар, саводи пурра ва ҷаҳонбинии ташаккулёфта надоштани зану шавҳари ҷавон, нигоҳубин ва таъмин накардани ҳамсару кӯдакони ноболиғ аз ҷониби шавҳарон, соҳиби фарзанди муштарак нагардидани тарафҳо ва ё бемории яке аз онҳо, ки зиндагии занушавҳарии минбаъдаро ғайриимкон мегардонад, ба ҳисоб меравад.

Судҳо бо назардошти ҷой доштани сабабҳои дар боло овардашуда баҳри нигоҳ доштани оилаҳо, хусусан оилаҳои ҷавонон ва оштӣ дорондани зану шавҳар тибқи талаботи қисми 1-и моддаи 22 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати оштишавӣ таъин намуда, дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми хислати муваққати ва рӯякӣ доштани ҷанҷолу мунoқишаҳои оилавӣ бекор кардани ақди никоҳро бо ҳалномаҳои судӣ рад кардаанд, ки ин ҳолат барои нигоҳ доштани оилаҳои ҷавонон мусоидат намудааст.

Масалан: Даъвогар Н.Н. нисбат ба А.Ш. 9 марти соли 2022 ба суди ҳарбии гарнизони Х. дар бораи бекор кардани ақди никоҳ муроҷиат кардааст. Суди мазкур ҳангоми баррасии ин парвандаи оилавӣ муайян кардааст, ки тарафҳо соҳиби фарзанд набуда, ҷангу ҷанҷоли онҳо хислати муваққатӣ дошта, пас аз як-ду моҳи зиндагонии якҷоя муносибаташон вайрон шудааст.

Суд дуруст ба хулоса омадааст, ки зиндагии минбаъдаи якҷояи зану шавҳар ва нигоҳ доштани оилаи тарафҳо имконпазир мебошад. Аз ин рӯ, суд бо ҳалнома аз 22 июли соли 202 аризаи даъвоии Н.Н. дар бораи бекор кардани акди никоҳро асоснок ва қонунӣ рад кардааст.

Ё ин ки, даъвогар З.Т. нисбат ба Э.А. ба ҷавобгарии Э.А. 19 апрели соли 2022 ба суди ҳарбии гарнизони Д. дар бораи бекор кардани акди никоҳ муроҷиат кардааст. Суд ҳангоми баррасии ин парвандаи оилавӣ муайян кардааст, ки тарафҳо зану шавҳари ҷавон буда, соҳиби се нафар фарзанди хурдсол мебошанд. Аз ин рӯ, бо ҳалномаи суди ҳарбии гарнизони шаҳри Душанбе аз 19 октябри соли 2022 аризаи мазкур дуруст рад карда шудааст.

Чунончи, тибқи муқаррароти сархати 1 банди 2 қисми 2 моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи боҷи давлатӣ» аз аризаҳои даъвои дорои хусусияти ғайримолумулкӣ, ки предмети онҳо нархгузорӣ карда намешаванд, зимни ба суд супоридани аризаи даъвогӣ аз шахсони воқеӣ ба андозаи 5% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо боҷи давлатӣ ситонида мешавад. Ин маблағ бо назардошти андозаи боҷи давлатӣ, ки дар соли 2022 маблағи 64-сомониро ташкил медод, ба 3,4 сомонӣ баробар аст.

Ҳангоми қабул намудани аризаҳои даъвоӣ ба масъалаи супоридани боҷи давлатӣ аз ҷониби даъвогарон аҳамият дода нашудааст. Омӯзиши парвандаҳо нишон дод, ки боҷи давлатӣ аз ҷониби даъвогарон дар ҳар ҳолат ба андозаҳои гуногун (3 сомонӣ, 4 сомонӣ, 5 сомонӣ, 10 сомонӣ) супорида шудааст. Ҳамзамон, судяҳо аризаҳои даъвоиро бе пардохти боҷи давлатӣ, ё ин ки нодуруст пардохт намудани боҷи давлатӣ ба истеҳсолоти суд қабул намуда, ҳангоми қабул намудани ҳалнома ин масъаларо мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор намедиҳанд.

Масалан, бо ҳалномаи суди ноҳияи З. аз 3 феврали соли 2022 даъвои Ю.З. ба ҷавобгарии Ю.М. дар бораи бекор кардани акди никоҳ баррасӣ гардида, даъво қонеъ карда шудааст. Тарафҳо соли 2014 оиладор шуда, аз зиндагии якҷоя як нафар фарзанди хурдсол доранд, ки ҳафтсола мебошад. Судя барои барқарор кардани муносибати оилавии тарафҳо чора наандешида, ба онҳо мухлати оштишавӣ таъин накарда, акди никоҳро бекор кардааст.

Бар замми ин, дар маводи парванда расиди пардохти боҷи давлатӣ мавҷуд набуда, аризаи даъвоӣ бархилофи талаботи моддаҳои 134-135 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мурофиаи судӣ қабул гардидааст.

Парванда бо даъвои Ё.Х. нисбат ба Ё.М. оид ба бекор кардани акди никоҳ 17 августи соли 2022 бе пардохти боҷи давлатӣ ба истеҳсолоти судяи суди ҳарбии гарнизони Х. қабул карда шудааст.

Бо парвандаи оилавии суди ноҳияи П. бо даъвои Ш.М. нисбат ба Б.С. оид ба бекор кардани акди никоҳ расид оид ба супоридани боҷи давлатӣ ҷой надорад.

Аризаи даъвоӣ оид ба бекор кардани акди никоҳ бояд ба талаботҳои моддаи 134 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ бошад.

Мувофиқи талаботи қисми 1 моддаи 150 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон судя баъди қабули ариза ҷиҳати омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ таъинот қабул мекунад ва амалеро, ки тарафҳо, шахсони дигари иштирокчии парванда бояд анҷом диҳанд, мухлати иҷрои ин амалҳоро барои таъмини саривақтии парванда ва ҳалли дурусти он зикр менамояд.

Суд аризаи даъвоиро оиди бекор кардани акди никоҳ қабул карда, ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ бояд ҷавобгарро даъват намуда, оиди ҳолатҳои кор

пурсад ва муайян кунад, ки нисбати даъво чӣ норозигӣ дорад ва ин норозигиаш бо кадом далелҳо тасдиқ карда мешаванд. Ҳамчунин судя ба тарафҳо мефаҳмонад, ки кадом талаботро мумкин аст якҷоя бо даъво оиди бекор кардани ақди никоҳ баррасӣ намоянд.

Омузиши парвандаҳо собит месозад, ки дар баъзе ҳолатҳо судяҳо талаботи моддаи мазкурро мадди назар менамоянд.

Бо ҳалномаи суди шаҳри Х. аз 17 ноябри соли 2022 даъвои Ф.М. нисбат ба А.А.А. дар бораи бекор кардани ақди никоҳ рад карда шудааст. Омӯзиши маводи парванда нишон дод, ки бо парвандаи мазкур омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ гузаронида нашудааст. Нусхаи аризаи даъвоӣ ба ҷавобгар супорида нашудааст. Ҷавобгар дар мурофиаи судӣ иштирок накардааст. Ҳоло он ки тибқи талаботи моддаи 156 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон судя дар он вақт парвандаро барои баррасӣ таъин мекунад, агар онро омодашуда эътироф кунад

Масалан, бо парвандаи оилавӣ Ш.Қ. 7 феврали соли 2022 нисбат ба И.Г. оид ба бекор намудани ақди никоҳ ба суди ноҳияи Т. муроҷиат намуда, хоҳиш намудааст, ки ақди никоҳи ӯ ва ҷавобгар И.Г., ки 25 августи соли 1990 ба қайд гирифта шудааст, бекор карда шавад. Номбурда ба суд танҳо нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳро ба маводи аризаи даъвоӣ замима намудааст.

Дар ҳалномаи суд қайд гардидааст, ки даъвогар Ш.Қ. ва ҷавобгар И.Г. 25 августи соли 1990 дар совети қишлоқи Ғ. таҳти №31 ақди никоҳашонро ба расмият даровардаанд. Муайян нест, ки суд дар асоси кадом далел баста шудани ақди никоҳи тарафҳоро муайян намудааст, зеро дар маводи парванда шаҳодатномаи ақди никоҳ ҷой надорад.

Мисоли дигар, даъвои Р.Қ. нисбат ба П.М. оид ба бекор кардани ақди никоҳро суди ҳарбии гарнизони Х. 25

октябри соли 2021 ба баррасии судӣ қабул намуда, 05 ноябри 2021 сол дар хусуси омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ таъинот қабул карда, тарафҳоро барои гузаронидани суҳбат ба санаи 15 ноябри соли 2021 даъват намудааст. Аз дастхати ҷавобгар дида мешавад, ки суд ба ҷавобгар П.М. суҳбат гузаронида, аз ӯ дастхат гирифтааст.

Дар марҳилаи омодасозии парванда суд барои дастрас намудани шаҳодатномаи ақди никоҳ чора наандешида, парвандаро дар асоси нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ баррасӣ намуда, ақди никоҳро бекор кардааст. Нусхаи ҳалномаи суд низ ба суроғаи даъвогар фиристонида нашудааст.

Омӯзиши парвандаҳо собит месозад, ки камбудиҳаи қайдгардида дар таҷрибаи судҳои шаҳри Н., суди ҳарбии гарнизони Д., суди шаҳри Б. ҷой доранд.

Ҳамчунин, парвандаҳои оилавӣ бо даъвои У.Ҷ. бо ҷавобгарии М.С. оид бекор кардани ақди никоҳ бо ҳалномаи суди ҳарбии гарнизони Х. аз 28 сентябри соли 2022 даъвои И.М. ба ҷавобгарии И.М. оид ба бекор кардани ақди никох бо ҳалномаи ҳамин суд аз 3 феврали соли 2022 ақди никоҳи тарафҳо бекор карда шудааст, вале дар маводи парвандаҳои оилавӣ худи шаҳодатномаҳои ақди никоҳи тарафҳо ҷой надорад.

Ба ҳамин монанд, аризаҳои даъвоии Ш.З.Б. бо ҷавобгарии Р.А.Н., У.А.Қ. бо ҷавобгарии Ш.Р., Н.К.Б. бо ҷавобгарии Ш.А.И., М.М. бо ҷавобгарии И.М.А., М.А.М. бо ҷавобгарии М.М., С.З.М. бо ҷавобгарии Б.Ф.Ҳ. ва дигар аризаҳои даъвоӣ бо замима кардани нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ аз ҷониби судяҳои суди ноҳияи В., аризаҳои даъвоии И.Г.Ю. бо ҷавобгарии И.М.Ш., С.Ҳ.Ф. бо ҷавобгарии С.С., Н.З.М. бо ҷавобгарии М.З.З. аз ҷониби судяҳои суди ноҳияи Ф. ба мурофиаи суд қабул карда шуда, бо қабули ҳалнома даъвоҳо қонеъ карда шудаанд.

Баъзан зимни таҳияи таъинот дар хусуси қабули аризаи даъвоӣ ба мурофиаи суд, гузаронидани амалиёти омодасозӣ вобаста ба парванда ва дар хусуси таъини парванда барои муҳокимаи судӣ, аз ҷониби судяҳо ба шитобкорӣ роҳ дода шуда, бархилофи муқаррароти моддаи 230 КМГ ному насаби тарафҳо нодуруст ё нопурра сабт шуда, баъзан санаи қабули таъинот дарҷ нашудааст.

Чунончи, вобаста ба парвандаи оилавӣ бо даъвои М.И. бо ҷавобгарии М.(У.)Д.дар таъиноти судя оид ба гузаронидани амалиёти омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ санаи қабули он дарҷ нагардидааст. Таъиноти мазкур дар бланки намунавӣ таҳия гардида, баъзе бандҳои он ба парвандаҳои оилавӣ вобаста ба бекор кардани ақди никоҳ вобаста намебошанд.

Дар банди 10, қисми 4-и Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки «Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ваҷҳҳои аниқ тасдиқнагардидаи хоҳиш надоштани ҳардуи зану шавҳар оиди давом додани ақди никоҳ барои бекор кардани ақди никоҳ асоси кофӣ ҳисобида намешаванд».

Аз талаботи қисми 2, моддаи 23 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Пленуми дар боло овардашуда бармеояд, ки ба зану шавҳари дорои фарзандони ноболиғ новобаста ба розигии муштараки онҳо барои бекор кардани ақди никоҳ суд барои оштӣ додани онҳо тадбирҳо меандешад ва ҳуқуқ дорад, ки баррасии парвандаро мавқуф гузошта, ба зану шавҳар барои оштишавӣ то шаш моҳ муҳлат диҳад.

Омӯзиши парвандаи оилавӣ бо даъвои М.О. нисбат ба Г.М. дар бораи бекор кардани ақди никоҳ нишон дод, ки аризаи мазкур 5 майи соли 2022 аз ҷониби суд қабул карда шуда, бо таъиноти омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ аз 18 майи соли 2022 тарафҳо ба 20 майи соли 2022

барои суҳбат даъват карда шудаанд. Аз маводи кор бармеояд, ки ҷавобгар ба суҳбат наомада, нусхаи аризаи даъвоӣ низ ба ӯ супорида нашудааст. Дар асоси таъиноти судӣ аз 14 июни соли 2022 маҷлиси судӣ ба рӯзи 16 июни соли 2022 таъин карда шуда, худи ҳамон рӯз ақди никоҳи тарафҳо бе додани муҳлати оштишавӣ бе иштироки ҷавобгар бекор карда шудааст. Ҳол он, ки суд мебоист барои ба маҷлиси судӣ ҳозир шудани ҷавобгар чораҷӯӣ мекард.

Мисоли дигар, аризаи даъвоии А.Х. нисбат ба Ш.Н. оид ба бекор кардани ақди никоҳ, муайян кардани ҷои зисти кӯдак ва иҷозат додан барои баровардани кӯдак аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 августи соли 2022 аз ҷониби суд қабул карда шудааст. Аз маводи парванда бармеояд, ки тарафҳо аз моҳи сентябри соли 2020 якҷоя зиндагонӣ намекунанд ва суд бе додани муҳлати оштишавӣ дар асоси ҳалнома аз 14 сентябри соли 2022 ақди никоҳи тарафҳоро бе иштироки худи ҷавобгар бекор кардааст. Илова бар ин, суд дар қисми хулосавии ҳалнома дарҷ кардааст, ки барои аз ҳудуди ҷумҳурӣ ба Федератсияи Руссия баромадани кӯдак А.Ҳ. 31 августи 2020 соли таваллудаш иҷозат дода шавад. Судя бе нишон додани меъёри моддӣ масъалаи мазкурро ҳал кардааст, ҳол он ки масъалаи баровардани кӯдаки ноболиғ аз ҷумҳурӣ ба салоҳияти суд вогузор карда нашудааст.

Аризаи даъвоии О.Ф. нисбат ба А.С. дар намояндагии А.М. оид ба бекор кардани никоҳ ба суди ноҳияи П. 4 апрели соли 2022 ворид шуда, худи ҳамон рӯз аз ҷониби судя З.С. қабул карда шудааст. Пас аз гузаронидани омодасозии парванда, маҷлиси судӣ ба рӯзи 12 апрели соли 2022 таъин карда шудааст. Мурофиаи судӣ бо иштироки даъвогар ва намояндаи ҷавобгар гузаронида шуда, ба тарафҳо 1 моҳ муҳлати оштишавӣ дода шудааст.

Дар асоси ҳалномаи суд аз 12 майи соли 2022 даъвои пешниҳодшуда бо иштироки намояндаи ҷавобгар қонеъ карда шуда, ақди никоҳи тарафҳо бекор карда шудааст. Ҷоизи қайд аст, ки бекор кардани ақди никоҳ бо иштироки намоянда мувофиқи мақсад нест, зеро бе иштироки яке аз тарафҳо дар маҷлиси судӣ дуруст ва амиқ муайян кардани имконияти барқарор кардани оила номумкин аст ва барои нигоҳ доштани оила имконият вуҷуд надорад.

Мисоли дигар, бо ҳалномаи суди ноҳияи Д. аз 25 январи соли 2022 даъвои Ғ.У.Ғ. нисбат ба С.М.Х. дар бораи бекор кардани ақди никоҳ қонеъ карда шудааст. Тарафҳо санаи 18 феврали соли 2018 ақди никоҳ баста, аз зиндагии муштарак соҳиби як нафар фарзанд шудаанд. Дар маҷлиси судӣ худи даъвогар иштирок накарда, ба ҷои ӯ намояндаи ваколатдораш Ҳ.Д. иштирок кардааст. Судя барои барқарор кардани оилаи тарафҳо бо роҳи таъин муҳлати оштишавӣ чораашдешӣ накарда, ақди никоҳро бекор кардааст. Бар замми ин, ҷиҳати пешгирии вайроншавии оилаҳо таъиноти хусусӣ набаровардааст.

Мисоли дигар, бо ҳалномаи суди шаҳри Х. аз 13 октябри соли 2022 даъвои А.А.С. ба ҷавобгарии А.М.Т. дар бораи бекор кардани ақди никоҳ қонеъ карда шудааст. Тарафҳо соли 2014 оиладор шуда, аз зиндагии якҷояашон ду нафар фарзанди хурдсол доранд. Фарзанди якум ҳафтсола, фарзанди дуввум дусолаву думоҳа мебошанд. Тарафҳо танҳо нуҳ моҳ бо ҳамдигар зиндагӣ накардаанд, аммо судя ҳамагӣ се моҳ муҳлати оштишавӣ дода, ба хулоса омадааст, ки оилаи онҳо пароканда гардидааст. Омӯзиши маводи парванда нишон дод, ки судя дар таъиноти қабул аризаро ба муҳокимаи судӣ қабул намудааст, ҳоло он ки ба суд аризаи даъвоӣ пешниҳод гардидааст.

Мисоли дигар, дар парвандаи оилавӣ бо даъвои М.Д.Ҳ. ба ҷавобгарии М.Ф.Х. дар бораи бекор кардани акди никоҳ ҳалнома 2 декабри соли 2022 қабул гардида бошад ҳам, нусхаи он ба ҷавобгар М.Ф.Х. чор моҳ пас, яъне санаи 10 марти соли 2023 бо мактуби суд таҳти №2213 ирсол шудааст.

Ҳамзамон, бо ҳалномаи суди шаҳри К. аз 10 январи соли 2022 акди никоҳи Н.О.Р. нисбат ба Н.И.Б. бекор карда шудааст. Омӯзиши маводи парванда нишон дод, ки мурофиаи судӣ бе иштироки ҷавобгар Н.И.Б. гузаронида шудааст. Судя дар ҳалнома баёноти ҷавобгарро, ки дар омодасозӣ дода будааст ба инобат гирифта, ба он баҳои ҳуқуқӣ додааст. Ҳоло он ки дар омодасозии парванда протоколи маҷлиси судӣ таҳия нашудааст.

Чунончи, вобаста ба парванда бо даъвои К.Ф.И. бо ҷавобгарии М.Р.Ҷ. дар бораи бекор кардани акди никоҳ аз ҷониби судя барои оштӣ додани зану шавҳар тадбирҳо наандешида, ба онҳо муҳлати оштишавӣ муқаррар карда нашудааст. Бо ҳалнома аз 20 октябри соли 2022 даъво қонеъ карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки тарафҳо соли 2017 оиладор шуда, соҳиби 2 фарзанди ноболиғ, солҳои таваллудашон 2018 ва 2020 мебошанд.

Ба ҳамин монанд, бо ҳалномаи суди ноҳияи Ф. аз 2 декабри соли 2022 даъвои С.Ҳ.Ф. бо ҷавобгарии С.С. дар бораи бекор кардани акди никоҳ қонеъ карда шудааст. Аз маводи парванда бармеояд, ки тарафҳо соли 2012 оиладор шуда, муддати 10 сол зиндагии якҷоя намуда, соҳиби 3 фарзанди ноболиғ мебошанд. Суд ин ҳолатҳоро ба эътибор нагирифта, бидуни додани муҳлати оштишавӣ акди никоҳи онҳоро бекор намудааст.

Айнан чунин камбудиҳо бо парвандаҳои оилавӣ бо даъвои И.Г.Ю. бо ҷавобгарии И.М.Ш. ва бо даъвои Н.З.М.

бо ҷавобгарии М.З.З. дар бораи бекор кардани ақди никоҳ ба назар мерасанд.

Ҳамзамон, бо таъиноти судяи суди шаҳри И. аз 2 августи соли 2022 аризаи даъвоии О.Ҳ.О. бо ҷавобгарии О.У.Н. дар бораи бекор кардани ақди никоҳ ба мурофиаи суд қабул гардида, бо ҳалномаи суд аз 22 августи соли 2022 даъво қонеъ карда шудааст. Аз маводи парванда бармеояд, ки даъвогару ҷавобгар соли 2002 оиладор шуда, муддати 20 сол зиндагии оилавӣ намуда, соҳиби 4 фарзанд гаштаанд. Айни ҳол 2 фарзанди онҳо ноболиғ мебошанд.

Бо вуҷуди он ки судя бархилофи талаботи қисми 2 моддаи 23 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати барқарор намудани оилаи тарафҳо тадбирҳо наандешида, ба онҳо муҳлати оштишавӣ муқаррар накардааст, парванда дар муҳлати кӯтоҳтарин, яъне 20 рӯз моҳиятан бо қабули ҳалнома баррасӣ гардидааст.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 248 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми номаълум будани маҳалли воқеии истиқомати ҷавобгар, судя баъди аз ҷониби ташкилоти истифодаи манзил ё мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ё маъмурияти ҷойи кори охирини ҷавобгар бо тасдиқи номуайян будани маҳалли зисти воқеии ҷавобгар баргардонидани нусхаи ҳалнома, дар ҳолатҳои истисноие, ки ин ба манфиатҳои ноболиғон дахл дорад, оид ба ошкоро супоридани ҳалномаи ғоибона таъинот қабул мекунад.

Аризаи даъвоии М.М. нисбат ба С.А. дар бораи бекор кардани ақди никоҳ ва рӯёнидани алимент 1 феврали соли 2022 аз ҷониби суди ноҳияи Т. қабул карда шуда дар марҳилаи омодасозии парванда ба маҷлиси судӣ судя таъинот аз 14 феврали соли 2022 оид ба ошкоро супоридани даъватномаи судӣ ва ҳуҷҷатҳои замимашуда бароварда шуда, дар асоси ҳалномаи ғоибона аз 30 июни соли 2020 даъво қонеъ карда шуда, ақди никоҳи тарафҳо

бекор шудааст ва ба манфиати фарзандони ноболиғи тарафҳо алимент рӯёнида шудааст. Суд мебоист пас аз бароварда шудани ҳалномаи ғоибона таъинот оид ба ошкоро супоридани ҳалномаи ғоибона бароварда, дар ҷои дахлдор насб мекард, вале ин меъёри қонун аз ҷониби судя мадди назар карда шудааст.

Тибқи банди 5 моддаи 227 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон агар тарафҳо дар ғоибии онҳо баррасӣ намудани парвандаро хоҳиш накарда бошанд ва баъди дубора даъват намудан низ ба суд ҳозир нашуда бошанд, асос барои бе баррасӣ монондани ариза шуда метавонад.

Татбиқи ин меъёри қонун танҳо дар сурати мавҷуд будани шартҳои дар боло зикргардида бебаррасӣ монодани даъво имконпазир мебошад. Онҳо бояд ҳаматарафа санҷида шуда, бо далелҳо тасдиқ карда шаванд, аммо судяҳо ҳангоми баровардани таъинот дар бораи бе баррасӣ монондани аризаҳо ба вайрон кардани талаботи қонун роҳ медиҳанд.

Масалан, бо парвандаи 4-232\21 даъвогар Р.Ҷ. нисбат ба М.Х. оид ба бекор кардани ақди никоҳ 3 декабри соли 2021 ба суди ноҳияи Т. муроҷиат намудааст. Бо таъиноти суд аз 3 декабри соли 2021 аризаи даъвоӣ ба муҳокимаи ҳамин суд қабул гардида, бо таъинот аз 28 феврали соли 2021 баррасии парванда ба 30 декабри соли 2021 таъин карда шудааст. Рӯзи таъиншуда ба тарафҳо муҳлати оштишавӣ дода шуда, мурофиаи судӣ то рӯзи 30 марти соли 2022 мавқуф гузошта шудааст. 30 марти соли 2022 бинобар ба маҷлиси судӣ ҳозир нагардидани тарафҳо, баррасии парванда ба санаи 4 апрели соли 2022 таъин гардида, бо таъиноти судя аз 4 апрели соли 2022 бинобар такроран ба маҷлиси судӣ ҳозир нашудани тарафҳо аризаи даъвоӣ бе баррасӣ мононда шудааст. Аз ҷониби қонунгузор бошад пешбинӣ карда шудааст, ки танҳо баъди

дубора даъват намудан ва ҳозир нашудани тарафҳо даъво бе баррасӣ мононда мешавад.

Мисоли дигар, бо таъиноти маҷлиси судии суди ноҳияи Д. аз 3 августи соли 2022 парвандаи оилавӣ бо даъвои М.А.Д. ба ҷавобгарии М.Н.Н. дар бораи бекор кардани акди никоҳ дар асоси сархати 2 моддаи 227 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби он, ки ариза аз ҷониби шахсе имзо шудааст, ки барои пешниҳоди ин ариза ваколат надорад, бебаррасӣ мононда шудааст. Муайян гардид, ки аризаи даъвоӣ ҳануз санаи 28 марти соли 2022 ба суд пешниҳод гардида, омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ гузаронида, ба тарафҳо барои оштишавӣ се моҳ муҳлати оштишавӣ дода шудааст. Дар маҷлиси судӣ ба ҷои даъвогар модараш М.М.Н. иштирок кардааст. Дар давоми чор моҳ судя дар хусуси он ки модари даъвогар М.М.Н. ваколати пешниҳоди аризаи даъвогиро надорад, аҳамият надода, тули ин муҳлат парвандаро дар баррасӣ нигоҳ дошта, ҳуқуқи тарафҳоро поймол намудааст. Сипас парвандаи мазкур бинобар ба рухсатии меҳнатӣ рафтани судя ба зиммаи дигар судя вогузор карда шуда, бо таъинот аз 3 августи соли 2022 даъво бебаррасӣ мононда шудааст.

Тибқи муқаррароти моддаи 234 КМГ, протоколи маҷлиси судӣ ё амали ҷудогонаи мурофиавии берун аз маҷлиси судӣ гузарондашуда бояд ҳамаи маълумоти муҳимро оид ба баррасии парванда ё гузаронидани амали ҷудогонаи мурофиавӣ инъикос намояд.

Мувофиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо», ки аз моҳи июни соли 2021 мавриди амал қарор дорад, матни санадҳои судӣ, ба истиснои санадҳои судии дар қисми 5 ҳамин модда пешбинигардида, пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани

онҳо бо розигии иштирокчиёни мурофиаи судӣ дар сомонаи судҳо ҷойгир карда мешавад.

Тибқи талаботи сархатҳои 15 ва 16 моддаи 234 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар протоколи маҷлиси судӣ маълумот дар бораи ҷойгир намудани ҳалнома дар сомонаи суди дахлдор ҳангоми мавҷуд будани розигии иштирокчиёни мурофиаи судӣ ва санаи тартиб додани протоколи маҷлиси судӣ зикр мегардад.

Натиҷаи ҷамъбастӣ нишон дод, ки аз ҷониби судяҳо ва котибони маҷлиси судӣ зимни тартиб додани протоколҳои маҷлиси судӣ ин талаботи меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ умуман риоя ва дар протоколҳо дарҷ нагардидааст.

Бо назардошти асосҳои дар боло овардашуда ва бо мақсади манфиатнокии ҷамъбасткунии мазкури таҷрибаи судӣ,

**П Е Ш Н И Ҳ О Д  К А Р Д А  М Е Ш А В А Д:**

1.Ҷамъбасти таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оиди бекор кардани ақди никоҳ дар машғулиятҳои семинарии ҳармоҳаи судҳо бо иштироки судяҳо мавриди муҳокима қарор дода шавад.

2. Раиси суд ва судяҳо ба масъалаи супоридани боҷи давлатӣ зимни аз ҷониби даъвогарон ба суд пешниҳод кардани аризаҳои даъвогӣ диққати махсус дода, зимнан талаботи моддаҳои дахлдори КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи боҷи давлатӣ» қатъиян риоя намоянд.

3. Ба судяҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳури ва вилоятҳо тавсия дода шавад, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои оилавӣ вобаста ба бекор кардани ақди никоҳ, баҳри баланд бардошти сифати ҳалномаю таъинотҳо ва қарорҳои судӣ

Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №13 аз 23 июни соли 2010 «Дар бораи ҳалномаи судӣ», Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №10 аз 29 майи соли 2003 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ» ва дигар қонунҳои моддию мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбари гиранд.

**Коллегияи судӣ оид ба**
**парвандаҳои оилавии Суди Олӣ**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН - КАЛИДИ МУВАФФАҚИЯТҲО ДАР ПЕШРАФТИ ҶОМЕА

**АБДУЛЛОЗОДА ҶАМОЛИДДИН АБДУЛЛО**
раиси суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 933-24-36-36. E-mail:
Abdullozoda1985@gmail.com

*Маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ин падидаи махсуси иҷтимоӣ мебошад, ки сатҳи донишҳои ҳуқуқии шахсияти мушаххас ва ҷамъиятро муайян менамояд.Дар мақола мафҳум ва аломатҳои асосии маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон муайян карда шуда, вобаста ба нақши Конститутсия, санадаҳои дигари меъёри ҳуқуқӣ ва ҳамзамон нақши ҳокимияти судӣ дар ташаккул, инкишоф ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон изҳори назар карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *маърифат, ҳуқуқ, ҷомеа, мафҳум, аломат, инкишоф, нақш, Конститутсия, ҳокимияти судӣ.*

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонопазир ва таъсиррасони равандҳои ҷомеа заминаи муносибатҳои ҳуқуқиро роҳандозӣ ва инкишоф дода, дар табодулу инкишофи маърифати инсонӣ саҳми бесобиқа дорад. Он аз маҷмӯи меъёрҳо, институтҳои ҳуқуқӣ ва равандҳои гуногун иборат мебошад, ки вазифаи муайяннамоии мавқеи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии инсонҳоро дар ҷомеа мушаххас иҷро менамояд. Маърифати ҳуқуқӣ аз намудҳои дигари маърифат ба куллӣ фарқият дорад, зеро он ба ин васила маҷмӯи хоси ҷузъи моддӣ ва маънавиро ташкил менамояд.Пажуҳишҳо собит намудаанд, ки маърифати ҳуқуқӣ сатҳи таърихан

муайяншудаи инкишофи ҷомеа буда, қувваи эҷодӣ ва лаёқати инсон, муносибати байниҳамдигарии бошандагони ҷомеаро дар арзишҳои моддӣ ва маънавии эҷодшуда ифода менамояд. Маърифати ҳуқуқии инсон, қисми таркибии маданияти маънавӣ ҳисоб рафта, он аз низоми донишҳо, муайянияти арзишӣ, ҳиссиёти равонӣ дар заминаи эътирофу эҳтироми шаъну шарафи инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, инчунин дорои малака ва тавоноӣ мавриди амалисозӣ ва ҳимоя дар муносибатҳо роҳандозӣ мегардад. Маърифати ҳуқуқӣ дар сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва амалияи хуқуқии инсон зоҳир меёбад.

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун тахайюлоти инсонӣ маҳфуми васеъро доро буда, маҷмӯи мураккаби ҳодисаҳои ҳаёти ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар он пеш аз ҳама, муносибатҳои ҳуқуқӣ, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, рафтори ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, равонии ҳуқуқӣ ва амсоли инҳо дар мадди аввал меистад. Вобаста ба мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ байни олимон фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд буда, дар адабиётҳои илмӣ низ намудҳои гуногуни маънидодкунии мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ ба чашм мерасанд. Чунончӣ, М.Б. Смоленский чунин мешуморад, ки маърифати ҳуқуқӣ-ин шакли инкишофёбии муносиби инсонӣ ва воситаи муҳими таъмини ҳуқуқҳои инсон мебошад[1, с.73]. Аз ин хотир метавон чунин иброз намуд, ки фарҳанги ҳуқуқии шахсият маълумотнокии ҳуқуқиро дар бар гирифта, дар заминаи шуури ҳуқуқӣ, амалинамоӣ ва малакаи истифодабарии ҳуқуқ, инчунин риояву итоат ба нишондодҳои меъёрҳои ҳуқуқ, асоси ташаккулёбӣ ва инкишофи маърифати ҳуқуқиро ташкил медиҳад.

Олимони рус ба мисли В.И. Каменская ва А.Р. Ратинов, ки яке аз аввалинҳо шуда ин масоилро мавриди таҳқиқи илмии худ қарор додаанд, маърифати ҳуқуқиро ҳамчун низоми такмилдодашудаи элементҳое, ки ба доираи амали

ҳуқуқ ва инъикоси бевоситаи онҳо дар шуур ва хислати инсон маънидод кардаанд[2, с.43]. Ба сифати аломатҳои мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ ин пеш аз ҳама: ҳуқуқ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, ниҳодҳои давлатӣ, ташкилотҳои амалигардонии ҳуқуқ, шуури ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд. Аммо Н.М. Кейзерова баръакс бар он ақида ҳаст, ки аломатҳои мазкур барои муайян намудани моҳияти маърифати ҳуқуқӣ нокифоя буда, бар он бояд меъёрҳои баҳогузории сиёсии ҳуқуқ ва рафтори ҳуқуқӣ илова карда шаванд[3, с.108]. Дар равандҳои тараққиёти ҷомеа шахс дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ворид гардида, онро дарк менамояд. Ба ҳуқуқу озодиҳояш баҳо медиҳад. Онро дар ҳаёти реалиаш истифода мебарад. Ба ин омил пеш аз ҳама, малака ва маҳорати сатҳи ҳуқуқдонӣ, дараҷаи аз худ намудани сатҳи дониш ва таҷрибаи андӯхташуда саҳмдор аст. Дар ин замина, фақат одами бомаърифат метавонад ҳуқуқҳои худро ба амал барорад ва низоми аслии муносибатҳои ҷомеаро дар асоси қонун ва қоидаҳои қабулгардидаи ҷомеа амалӣ намояд. Мусаллам аст, ки сатҳи кофии донишҳои ҳуқуқӣ ва малакаҳои амалии шахс метавонад тамоми имкониятҳои механизми ҳимояи ҳуқуқҳоро дар ҷомеа танзим ва роҳандозӣ намояд.

Н.Я. Соколов чунин меҳисобад, ки маърифати ҳуқуқӣ метавонад ҳамчун «маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ, боварӣ ба муносибатҳои шахсият, ки ҳангоми машғул шудан ба меҳнат, муошират, рафтор, ҳамчунин муносибат ба арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷомеа ба амал оянд»[4, с.381-394]. Дар воқеъ дуруст аст, ки маърифати ҳуқуқӣ маҳз дар ҷомеа дар зиминаи муносибатҳо ба миён омада, бохабар будани инсон шурӯъ аз оддитарин муносибатҳои ҳуқуқӣ ва вазифаҳои шаҳрвандии хеш, бегуфтугӯ, унсури муҳимтарини маърифати ҳуқуқӣ барои ҳар як инсон ба ҳисоб меравад. Дар ин замина ӯ молик гардида ба донишҳои ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи омӯзишӣ, дар

ҳақиқат санҷидашуда ва дар амалия татбиқгардида, метавонад акси дурусти ҳақиқати объективиро дар шуури инсон таҷассум намояд. Маҳз ҳамин омил машъали феълии маърифати ҳуқуқӣ маҳсуб ёфта, он ҳамчун муҳаррики аслии ба низомдарорандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар чаҳорчӯбаи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Барои бунёди воқеии ҷомеаи демократӣ зарур ин аст, ки дар баробари ҳамаи тадбирҳои дигари бунёдкорӣ, ҳамагон ҳамчун шаҳрванд ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои хешро хело хуб дар сатҳи зарурӣ донем. Аз он самаранок ва пурмаҳсул истифода намоем. Қонун ва қоидаҳои қабулгардидаро баҳри зиндагии сазовор дуруст ва бо камоли ақл дар зиндагии рӯзмарра амалӣ намоем. Дар ин замина, нақши Конститутсия дар ташаккули маърифати ҳуқуқӣ басо муҳим ва асосӣ маҳсуб меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар соли 1991 аз пайи бунёд намудани давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ гардида, дар ин асно дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи қавиро ҳамчун давлати ҷавон соҳиб гаштааст. Бо шарофати ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва дар соли 1994 қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳаёти ҳуқуқии кишвар низ дигаргуниҳои куллӣ ва тағйиротҳои чашмрас падид омаданд. Дар натиҷаи татбиқи бомароми ислоҳотҳои ҳуқуқӣ бо дарназардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳамқадами замон гардонидани мазмуну моҳияти қонунгузории амалкунанда дар низоми ҳуқуқии мамлакат низ таҳаввулот ба вуқуъ пайваст.

Аз ҳама муҳим барои баҳодиҳии маърифати ҳуқуқӣ низоми қонунгузорӣ асос маҳсуб ёфта, он ҳамчун ядро ба инкишофи фаъолияти ҳуқуқии шаҳрвандон ва дигар субъектҳои ҳуқуқ заминагузор аст. Муссалам аст, ки мавриди инкишофи ҷомеа маҳз қонунҳо ба воситаи роҳандозӣ ва

низоми мушаххасу муайян равандҳоро дар заминаи муносибати ҳуқуқии бошандагон ва муносибатро дар ҷомеа ба низом медароранд. Аз ин хотир, маҳз дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф карда шуда, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазир гардиданд, ки минбаъд ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд[5, с.6]. Фарҳанги ҳуқуқи инсонӣ дар равандҳои ҷомеа инкишофи фаъолияти ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин хотир, унсури дигари фарҳанги ҳуқуқии ҷомеъа сатҳи ташаккули тамоми низоми санадҳои ҳуқуқӣ, яъне матнҳои ҳуҷҷатҳо ба ҳисоб мераванд, ки дар онҳо ҳуқуқу вазифаҳои бошандагони ҷомеа ҳамаҷониба ва мушаххасан иброз гардидаанд. Мушкилотҳои ҷомеа дар аксари ҳолатҳо ислоҳотҳои татбиқшавандаро тақозо менамоянд.

Дар натиҷаи ислоҳотҳои татбиқшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва минбаъд баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҳамчун омили муҳими барпо намудани давлати демократию ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ эътироф гардид.

Бо шарофати қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои муосири рушди ҷомеа ва давлати тоҷикон муайян гардиданд. Дар ин асно дар ҷомеа, давлат ва ҳуқуқ, ҳамзамон вобаста ба масъалаҳои маърифати ҳуқуқӣ низ табадуллот ба вуҷуд омад. Новобаста аз кушишҳои давлат ҷиҳати такмили қонунгузорӣ, сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар ҳолати паст қарор дорад, ки сababи асосиаш ин дарк накардан ва надонистани ҳуқуқҳои худ ҳамчун арзиши олӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, бевосита гуфтан ҷоиз аст, ки ташаккул ва инкишофи маърифати ҳуқуқӣ маҳз дар заминаи принсипҳои дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ба миён омадааст.

Нақши санадҳои дигари меъёри ҳуқуқӣ ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон назаррасанд.Дар ин замина фарҳанги ҳуқуқии инсон, ҳамчун қисмати таркибии маданияти маънавии инсон, аз як ҷониб ва аз тарафи дигар ҳамчун фарҳанги ҳуқуқӣ дар алоқамандӣ бо категорияҳои ҳуқуқи инсон амалан дар фаъолиятанд. Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, ҳисси масъулият ва эҳтиром нисбат ба қонунҳо санади муҳим дар ин ҷода Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, №691 ба ҳисоб меравад, ки дар заминаи он бо мақсади таъмини волоияти Қонун дар ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии аҳолӣ ва пешгирии қонуншиканиҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Дар асоси Барномаи мазкур Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони роҳбарикунандаи ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти маҳаллӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, адлия ва маъмурини шуъбаҳои ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо ташкил карда шуда, дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашриёти «Қонуният» ва маҷаллаи «Ҳаёт ва Қонун» таъсис дода шуданд, ки ба зиммаи он нашри адабиёти ҳуқуқӣ, маҷмӯаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти меъёрию ҳуқуқӣ доранд ва ба манфиатҳои

шаҳрвандон ва шахси ҳуқуқӣ дахл доранд, вогузор гардидааст[6].

Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки бори аввал дар заминаи Қарори мазкур аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои миёна, миёнаи махсус ва олӣ китоби дарсӣ оид ба асосҳои «Давлат ва ҳуқуқ» таҳия карда шуда, дар мактабҳои миёна ва миёнаи махсус ҳангоми таҳсил ва ҳангоми дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ аз фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» имтиҳон ҷорӣ карда шуд.

Иловатан бо мақсади ҳавасманд гардонидани донишҷӯён аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, Низомномаи баргузории Олимпиадаи ҳуқуқшиноси ҷавон таҳия шуда, минбаъд ҳар сол Олимпиадаи мазкур доир мегардад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки барои назорати иҷрои корҳо дар самти баланд бардоштани таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон мақомоти алоҳида ва ё Шурои дахлдор лозим мебошад. Аз ин лиҳоз, дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои ҷумҳуриявии мутобиқсозии методии оид ба таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазири амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Кумита оид ба телевизион ва радиошунавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Маърифати баланди ҳуқуқӣ- асоси ҷомеаи демократӣ ва нишондиҳандаи камолоти системаи ҳуқуқӣ мебошад. Ин омилест, ки ба танзими тамоми равандҳои гуногуни зиндагӣ таъсири фаъоле дорад, ки ба муттаҳидсозии шаҳрвандон, ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва таҳкими ин гуна ҷомеаро дастгирӣ намуда, дар он тартиботро нигоҳ медорад. Эҳтиром ба қонун яке аз талаботи асосии ҷомеаи ҳуқуқӣ, фаъолияти самарабахши низоми сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад.

Гузариш ба муносибатҳои иқтисодии бозаргонӣ, ташаккулёбии арзишҳои демократӣ, ташкил намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ, гузаронидани ислоҳоти сиёсию ҳуқуқӣ ва тарғиб намудани ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд талаб менамоянд, ки дар бобати беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чораҳои мушаххас андешида шуда, барномаи ягонаи умумидавлатии таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шавад.

Аз ин хотир, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, №253 Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 қабул ва тасдиқ гардида, ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониш ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳои назаррас ва натиҷабахш ба анҷом расиданд.

Асоси сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва санадҳои татбиқи ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 қабул ва тасдиқ гардида, ба сифати яке аз сиёсати ҳуқуқӣ соҳаи рушди маърифати ҳуқуқӣ, тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ ва ёрии ҳуқуқӣ

муқаррар гардида, баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфтаанд.

Мутобиқи Консепсияи мазкур барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад дониста шудааст:

- ҷоннок кардани корҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ дар асоси ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ;

- таъмини мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо нашрияи расмии иттилоотӣ-ҳуқуқӣ;

- ба таври васеъ ба аҳолӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба онҳо;

- таъсис додани сомонаи ягонаи миллӣ бо ҷойгир кардани тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- такмил додани механизми коркарди мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳими баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар асоси ворид кардани дастовардҳои нави илму технология, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ ва ғайраҳо.

Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқии давлат буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва намудҳои дигари тарбияи инсон бояд анҷом дода шавад. Тарбияи ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад.

Бинобар сабаби ба итмом расидани мӯҳлати амали Барномаи қаблӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №599 Барномаи

дарозмуддати таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 қабул ва мавриди амал қарор гирифтааст.

Мувофиқи Барномаи даҳсола барои ноил гардидан ба ҳадафҳо дар назди мақомотҳои дахлдор як қатор вазифаҳо гузошта шуда, баргузор намудани чорабиниҳои гуногуни амалӣ ва иттилоотӣ ба нақша гирифта шудааст.

Нақши ҳокимияти судӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон бағоят бузург буда, он дар маҷмӯъ ифодакунандаи мақсаду маром ва баровардаи ниёзҳои бошандагони ҷомеа ба ҳисоб меравад. Мувофиқи моддаи 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои 2 ва 4 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014, №1084 ба вазифиаи суд ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон эълон намудаанд, дохил мешаванд. Ҳокимияти судӣ фаъолияти худро тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ, гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ амалӣ менамояд.

Ҷиҳати баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо ва бо мақсади ба амал баровардани адолати судӣ бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чор барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷиситон аз соли 2007, барои солҳои 2011-2013, 2015-2017 ва 2019-2021 қабул ва татбиқ гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон ҳангоми суханрониҳои худ дар мулоқот бо судяҳои ҷумҳурӣ санаи 21 ноябри соли 2019 баён доштанд, ки «Ҳоло Барномаи нави таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон барои солҳои 2020-2030 таҳия ва барои қабул пешниҳод гардидааст, ки дар амалӣ намудани он мақомоти судӣ бояд фаъолона ширкат намояд. Бо роҳандозӣ кардани чунин корҳо мо метавонем бисёр шаҳрвандонро аз кирдорҳои бад ва дар натиҷа аз маҳбасу маҳрумият раҳоӣ бахшем»[7, с.9].

Ҳокимияти судӣ ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсоз ва татбиқкунандаи Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ба шумор рафта, баҳри баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба зиммааш аз зумра вазифаҳо гузошта шудаанд, ки ин:

- ба таври доимӣ гузаронидани чорабиниҳои гуногуни ҳуқуқиро дар байни аҳолӣ бо иштироки бевоситаи судяҳо, кормандони дастгоҳи суд дар пешбурди фаъолияти тарғиботу ташвиқоти ҳуқуқӣ, инчунин гузаронидани вохӯриҳо бо коллективҳои меҳнатӣ ва аҳолӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои хусусияти гражданӣ, иқтисодӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, манзилӣ ва дигар самтҳоро доранд, ба роҳ монад;

- ҷиҳати бештар намудани шумораи мурофиаи сайёри судӣ ва самаранокии онҳо чораҳои зарурӣ андешад;

- вобаста ба тақвият бахшидан ба фаъолияти судҳои ҳакамӣ ва ҳалли баҳсҳои тосудӣ (медиатсия) бо ҷалби бештари шумораи аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳиро ба роҳ монад;

- тавассути воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла шабакаи интернетӣ ба маълумоти аҳолии кишвар расонидани санадҳои судӣ;

- тақвият бахшидан ба барномаҳои телевизионии махсус дар мавзуҳои баррасишудаи парвандаҳои судӣ.

Аз маълумотҳои омории Раёсати омор ва ҷамъбасти амалияи судии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки судҳои ҷумҳурӣ танҳо дар соли 2021 баҳри баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон як қатор корҳои назаррасеро ба анҷом расонидаанд. Аз ҷумла:

- аз парвандаҳои баррасишуда 19061 адади он дар мурофиаҳои саёри судӣ баррасӣ гардидаанд;

-вобаста бо парвандаҳои баррасишуда 797 ҷамъбасти амалияи судӣ гузаронида шуда, ба мақомотҳои дахлдор 1263 пешниҳодҳо ирсол карда шудааст;

-баргузор намудани 11047 вохӯрию мулоқотҳои судманд байни сокинон, хонандагони муассисаҳои тахислоти миёна, миёнаи махсус, таҳсилоти олӣ, коллективҳои меҳнатӣ ва фаъолон;

-3574 маротиба баромад намудан дар телевизион ва радио, ки аз ин 16 маротиба баргузор намудани мурофиаҳои судӣ дар барномаи телевизонии «Мурофиа»-и Телевизиони Тоҷикистон, 49 маротиба баромад намудан дар барномаи телевизионии «Додгоҳ»-и МД «Ҷаҳоннамо», 30 маротиба баромад намудан дар барномаи телевизионии «Ҳуқуқи Шумо»-и МД «Ҷаҳоннамо», 24 маротиба баромад намудан дар барономаи телевизионии «Инсон ва қонун»-и Телевизиони Тоҷикистон» ва 40 маротиба баромад намудан дар барномаи радиоии «Маърифати ҳуқуқӣ»-и Радиои «Ховар»;

-ба нашр расонидани 1379 мақолаҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва маҳаллӣ.

Ҳамзамон бо мақсади фароҳам овардани шароит ба дастрасии аҳолӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо ва татбиқи Ҳукумати электронӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 25 июни соли 2021 сол, №1783 қабул ва мавриди амал қарор

гирифтааст, ки Қонуни мазкур дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон басо муҳим мебошад.

Гуфтаҳои болоро хулоса намуда, мавриди таҳким ва рушди маърифати ҳуқуқӣ метавон чанд нуктаи назарро иброз дошта бошем:

а) маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъиёти аслии равандҳои ҷомеа аз оила оғоз гардида, мавриди муносибатҳо ба воситаи индувид ва тамоми шаҳрвандон дар раванди аз худнамоии донишҳои ҳуқуқӣ мавриди инкишоф ва ҳаракат аст.

б) маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун сохтори фарҳанги ҳуқуқи шахсият аз унсурҳои психологӣ (психологияи ҳуқуқӣ), унсури ғоявӣ (мафкураи ҳуқуқӣ) ва унсури рафторӣ (рафтори аҳамияти ҳуқуқӣ дошта) иборат аст. Дар равандҳои ҷомеа ба ҳисоб гирифтани ин унсурҳо аз аҳамият холӣ нест.

в) мақсади аслии таълими донишҳои ҳуқуқӣ дар заминаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ташаккулёбии фарҳанги умумии шаҳрвндон дар асоси дарки мазмун ва моҳияту мухтавои ҳуқуқҳои инсон мебошад.

г) фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ  аз сатҳи инкишофи шуури бошандагони ҷомеа вобаста буда, дарк ва азхуднамоии тамоми қонун ва қоидаҳои ҷомеа дар асоси Конститутсия, маҳаки аслии инкишоф ва адлу адолат дар ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Бо шиносои намудан ба мафҳум, мақсад ва аломатҳои маърифати ҳуқуқӣ муайян мегардад, ки маърифати ҳуқуқӣ ба давлат, ҷомеа ва инсоният аҳамияти басо муҳим дорад. Барои ташкил намудани ҷомеаи  устувор ва дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ шаҳрвандонро зарур аст, ки донишҳои ҳуқуқии худро сайқал диҳанд. Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мушкилотҳои зиёде мавҷуданд, аммо танҳо бо кӯмак ва талошҳои муштараки ҷомеа ва давлат мо метавонем фарҳанги мӯътадили ҳуқуқӣ ва сатҳи баланди огоҳии ҳуқуқии шаҳрвандонро ташкил намоем.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд мавқеи фаъоли шаҳрвандии худро амалӣ намояд ва давлат ба рушди маърифати ҳуқуқӣ мусоидат кунад.

**Адабиёт:**

1.Смоленский М.Б. Правовой менталитет - фактор формирования правовой культуры как основы гражданского общества//Известия высщых учебных заведений.Северокавказский регион. 2002. №1. С.73.

2.Каменская В.И., Ратинова А.Р. Правосознание как элемент правовой культуры// Правовая культура и правовое воспитание. М.1977 С.47

3.Кейзаров Н.М. Политическая и правовая культура. Методологические проблемы. М. 1983. С.108.

4.Соколов Н.Я. О понятие правовой культуры// LEX RUSSICA (Русский закон). 2004. №2. С. 381-394.

5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

6.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, №691; Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 тасдиқ карда шудааст; Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ аз 22 августи соли 1997, №383// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.06.2022).

7. Суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мулоқот бо судяҳои ҷумҳурӣ санаи 21 ноябри соли 2019.-Душанбе: Шарқи озод, 2020.-31с.

# ПРАВОВОЕ КУЛЬТУРА ГРАЖДАН-КЛЮЧ К УСПЕХУ В РАЗВИТИИ ОБЩЕСТВА

**АБДУЛЛОЗОДА ДЖАМОЛИДДИН АБДУЛЛО**
председатель суда Яванского района Хатлонской области,
кандидат юридических наук
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел: +933 24 36 36; E- mail:Abdullozoda1985@gmail.com

*Правовое культура граждан-это особый социальный феномен, определяющий правовой уровень определенной личности и общества. В статье определены основные понятия и признаки правового культуры граждан и высказаны в зависимости от роли Конституции, других акт правовых норм, а также роли судебной власти в формировании, развитии и повышении правовой грамотности граждан.*

***Ключевые слова:*** *образование, право, понятие, характер, развитие, роль, Конституция, судебная власть.*

# THE LEGAL CULTURE OF CITIZENS IS THE KEY TO SUCCESS IN THE DEVELOPMENT OF SOCIETY

**ABDULLOZODA JAMOLIDDIN ABDULLO**
Chairman of the Yovon district Court of Khatlon region,
Candidate of legal Sciences
734025, Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.,
Phone: +933 24 36 36; E-mail:Abdullozoda1985@gmail.com

*Legal culture of citizens is a special social phenomenon that determines the legal level of a certain person and society. The article defines the basic concepts and features of the legal culture of citizens and expresses them depending on the role of the Constitution, other acts of legal norms, as well as the role of the judiciary in the formation, development and improvement of legal literacy of citizens.*

**Keywords:** education, law, concept, character, development, role, Constitution, judiciary.

Нашрияи

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№ 3, 2023

Бюллетень

Верховного Суда Республики Таджикистан

Мусаҳҳеҳ – Тураев Камол Мавлонович
Ҳуруфчӣ – Исмоилзода Шокирҷон Шариф

Ба чоп _______ имзо шуд. Формат 60 х84 1/8 32 в.ш.ч.
Қоғази офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman 12.
Адади нашр 500 нусха.

Дар ҶДММ «___________» чоп шудааст.